СУҲБАТ БО САФИРИ РУСИЯ ДАР АРАФАИ САФАРИ ПУТИН БА ДУШАНБЕ с. 3

НАФАҚАИ МУҲОҶИР БЕКОР МЕШАВАД? с. 9

“DUSHANBE INVEST FORUM-2025” ДАР ДУШАНБЕ с. 7

ТОҶИКИСТОН

№40 (1653), 1.10.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ТОҶИКИСТОН КАЙ АЗ МУҲОҶИРАТ ХАЛОС МЕШАВАД?



ДАР ИН ШУМОРА:

АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО:
Тоҷикистонро бояд мутмаин кунем с.2

РӮЗИ ОМӮЗГОР
Ва парвандаи ҷиноятӣ нисбати омӯзгор с.9

ДОИШ
Марги фармондеҳи тоҷик с.4

$1,4 МИЛЛИАРД ДАР 8 МОҲ
Афзоиши гардиши савдо миёни Тоҷикистону Русия с.7

СУЛҲИ ИСРОИЛУ ҒАЗЗА
Тарҳи Трамп ва Нетаняҳу самар меорад? с.4

ПЕШНИҲОДИ ВАКИЛ
Наврасонро аз шабакаҳои иҷтимоӣ дур мекунад? с.9

САФАР АБДУЛЛОҲ
Шарҳи ду вожа дар суҳбат бо Хуршедиён с.13

БОЗИҲОИ ИДМ
Аввалин дастовардҳои варзишгарони тоҷик с.15



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ, сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА, доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ, доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА, нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



Александр Лукашенко:

ТОҶИКИСТОНРО БАРОИ ПАЙВАСТАН БА ИИАО БОЯД МУТМАИН СОХТ

Президенти Беларус Александр Лукашенко дар ҷаласаи сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) изҳор дошт, ки Тоҷикистон ҳанӯз барои пайвастан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) омода нест. Ин ҷаласа 30-юми сентябр дар шаҳри Минск баргузор шуд.



Тоҷикистон Қоҳир Расулзода низ иштирок дошт.

МУЛОҚОТ ДАР МИНСК

"Ман мефахмам, ки Тоҷикистон ҳанӯз барои пайвастан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё омода нест. Михаил Владимирович Мишустин, мо бояд ҳамтои худро мутақоид кунем, то ин раванд суръат бигирад",- таъкид дошт Лукашенко.

Ҳамзамон, Президенти Беларус ба зарурати тақвияти ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа таъкид намуда, гуфт, ки гуфтугуҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолтар миёни кишварҳои узв бояд бештар шаванд.

Дар вохӯрии Минск, ки бо иштироки сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви ИДМ ва ҳайатҳои ҳукуматии Шурои байниҳукуматии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё баргузор шуд, масъалаҳои ҳамкории кишварҳо баррасӣ гардид.Таъкид шуд, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти кишварҳои узв барои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва таҳкими рушди устувор мусоидат мекунад. Дар ин ҷаласа Сарвазири Раёсати кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 24-уми сентябр дар брифинги омодагиҳои Тоҷикистон ба нишасти сарони кишварҳои ИДМ гуфт, ки ин мавзуъ дар барнома нест.

"Дар рӯзномаи ин нишастҳо ин масъала дарҷ нашудааст ва мо баррасии чунин мавзуро ба нақша ҳам нагирифтаем. Чун ин ҷо нишастҳое, ки мо дар пеш дорем, марбут ба масоили ҳамкорӣ ва таҳкими рушди равобити миёни кишварҳои ИДМ аст ва қолаби дигари ҳамкорие, ки мо нишасти сарони давлатҳои онро баргузор хоҳем кард дар Душанбе, марбут ба таҳкими ҳамгироии бештар миёни давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Русия аст",- гуфт номбурда. Аммо таҳлилгарон ба ин назаранд, ки узвият метавонад барои Тоҷикистон манфиат дошта бошад.

МАНФИАТ ВА МУШКИЛОТИ ИИАО

Русия, Беларус, Қазоқистон, Арманистон ва Қирғизистон ҷонибдорони асосии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё мебошанд. Кишварҳои номбурда худро «ангуштони як мушт» меноманд. Бо вуҷуди ин, тавоноии ин иттиҳод баҳсбарангез боқӣ мемонад, зеро кишварҳои узв ҳанӯз ҳам бо мушкилоти дохилӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Дар расона борҳо оид ба бурду бохти ин иттиҳод матолиби зиёд чоп шудаанд.

Тоҷикистон то ҳол узвияти ин иттиҳодро қабул накардааст. Масъулин низ дар ин бора расман изҳороти равшан надодаанд. Аммо бархе аз расонаҳо ва корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ мегӯянд, ки Тоҷикистон дар остонаи сафари Президенти Русия Владимир Путин ба Душанбе дархости узвият ба ин иттиҳодро хоҳад дод.

Шараф Раҳимӣ, сардори ки Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барои кишварҳои аъзо имконият медиҳад, ки гардиши озоди мол, сармоя ва неруи корӣ таъмин шавад. Пайвастан ба ин иттиҳод барои Тоҷикистон ба муҳоҷирони кории тоҷик дар Русия ҳуқуқи баробар медиҳад ва имконияти иштирок дар иқтисодиёти кишварҳои узвро васеъ мекунад.

Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон маҷбур мешавад, ки тарифҳои гумрукӣ ва дигар меъёрҳои иқтисодии худро мутобиқ созад, ки метавонад таъсири манфӣ низ дошта бошад.

Ба андешаи таҳлилгарон, агар Ӯзбекистон низ узви ИИАО шавад, манфиатҳои Тоҷикистон бештар хоҳад шуд. Зеро роҳи оҳани Тоҷикистон тариқи Ӯзбекистон мегузарад.

ИТТИҲОД ВА ТАЪРИХИ ТАЪСИС

Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё соли 2015 бо ташаббуси президентҳои Русия, Беларус ва Қазоқистон дар шаҳри Остона таъсис ёфт. Сохтори идораи ин созмон дар Маскав қарор дошта, додгоҳи иқтисодӣ дар Минск ва ниҳодҳои назоратӣ дар Алмаато фаъолият мекунанд. Аз он замон Арманистон ва Қирғизистон низ ба узвияти он пайвастанд.

Ҳоло Тоҷикистон ҳанӯз барои пайвастан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё омода нест, аммо бо рушди ҳамкории минтақавӣ ва фаъолтар шудани фаъолияти ин иттиҳод, метавонад дар оянда ба ин созмон ҳамроҳ шавад.

Усмон РАҲИМЗОДА

С. В. Григорев:

ДУШАНБЕ БАРОИ АМНИЯТИ МИНТАҚА АҲАМИЯТИ ХОСА ДОРАД

МУСОҲИБА БО САФИРИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶАНОБИ СЕРГЕЙ ВАДИМОВИЧ ГРИГОРЕВ ДАР ОСТОНАИ САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ВЛАДИМИР ПУТИН БА ДУШАНБЕ.



- Ҷаноби Сафир, сафари давлатии дарпешистодаи Владимир Путин ба Душанбе то чӣ андоза аҳамияти стратегӣ дорад? Кадом масоил аз натиҷаҳои сафари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маскав дар моҳи март мавриди баҳс қарор хоҳад гирифт?

- Тоҷикистон яке аз шарикони наздиктарини стратегии Русия боқӣ мемонад ва ин дар шароити тағйирёбии зуди геополитикӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Сафари Президенти Русия ба Душанбе на танҳо як мулоқоти сиёсӣ, балки нишонаи баҳои баланд ба нақши Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақа аст. Ба ёд орем, ки ҳамин тобистон дар нишасти Созмони ҳамкории Шанхай дар Тянҷин аҳамияти амнияти дастаҷамъӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақа таъкид гардид.

Сафари муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маскав дар моҳи март пояи устувори ҳамкориро нишон дод. Мавзуҳои амният, муҳоҷират, иқтисод ва маориф дар меҳвари гуфтугӯ буданд ва онҳо имрӯз ҳам муҳим боқӣ мемонанд. Интизор меравад, ки дар моҳи октябр созишномаҳои қаблӣ такмил ёбанд ва дурнамои ҳамкориҳои нав муҳокима шавад.

- Ҳаҷми муомилоти мол миёни ду кишвар аз як миллиард доллар гузаштааст. Чӣ омилҳо ба ин мусоидат карданд?

ИҚТИСОД ВА САРМОЯГУЗОРӢ

- Дар шаш моҳи аввали соли 2025 ҳаҷми муболиотии молӣ беш аз 1 миллиард доллар ташкил дод, ки 10,4% бештар аз ҳамин давраи соли гузашта аст. Содироти маҳсулоти хӯрокворӣ, чӯб, нуриҳои минералӣ, доруворӣ ва металлҳо назаррас афзоиш ёфтанд. Ин раванд нишон медиҳад, ки имкониятҳои рушд васеъанд.

- Оид ба парки саноатии муштарак чӣ гуфта метавонед?

- Корҳо оид ба татбиқи лоиҳаи мазкур тибқи Созишномаи дуҷонибаи байниҳукуматӣ дар бораи таъсиси парки саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷараёни сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Русия 17-уми марти соли 2025 ба имзо расида буд, идома дорад. Русия 500 миллион рубл саҳм мегузорад ва Тоҷикистон иқтидорҳои истеҳсолиро фароҳам месозад. Дар рӯйхати ширкатҳои хоҳони маҳаллисозӣ зиёда аз 170 корхона ҷой гирифтааст. Оғози фаъолият соли 2026 пешбинӣ шудааст. Ин парки саноатӣ арзиши иловашударо дар иқтисоди Тоҷикистон меафзояд, ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад ва вобастагӣ аз воридотро коҳиш медиҳад.

МУҲОҶИРАТ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАШАРДӮСТОНА

- Қоидаҳои нави муҳоҷират ба шаҳрвандони Тоҷикистон чӣ таъсир доранд?

- Мо намояндагии Хадамоти шиносноманома ва раводиди Вазорати корҳои дохилии Русияро дар Душанбе фаъол сохтем, то хизматрасонии изи ангушт ва машварат дастрас бошад. Маркази муҳоҷирати Маскав низ дар пойтахт фаъолият мекунад. Ҳадаф осон кардани мутобиқшавӣ ва кумак ба шаҳрвандон дар дарёфти кор аст.

- Барномаи кӯчонидани ҳамватанон чӣ гуна ҷараён дорад?

- Таваҷҷуҳи шаҳрвандони Тоҷикистон зиёд аст. Айни замон 79 минтақаи Русия барои қабули муҳоҷирон кушодаанд. Бештар ба марказ, Урал ва Шарқи Дур кӯч мекунанд.

- Дар бахши маориф ва фарҳанг чӣ пешрафтҳо вуҷуд доранд?

- Имрӯз зиёда аз 31 ҳазор донишҷӯи тоҷик дар Русия таҳсил мекунанд. Шумораи квота ба 1000 нафар расид, ки баландтарин дар Осиёи Марказӣ мебошад. Филиалҳои донишгоҳҳои Русия дар Тоҷикистон фаъоланд, панҷ мактаби русӣ аз соли 2022 кор мекунанд ва лоиҳаҳои нави фарҳангӣ, аз ҷумла Маркази кӯдакони лаёқатманд ва театри нави ба номи Маяковский дар дастанд.

- Вазъ дар Афғонистон ва нақши пойгоҳи 201-уми Русия чӣ гуна аст?

- Афғонистон омили асосии амният боқӣ мемонад. Мо бо Тоҷикистон ҳам дар чаҳорчӯбаи дуҷониба ва ҳам дар доираи СҲШ ҳамкорӣ мекунем. Пойгоҳи низомии 201-уми Русия яке аз сутунҳои субот дар минтақа аст ва масъалаи таҳкими иқтидорҳои он пайваста баррасӣ мешавад.

Сафири Русия дар Тоҷикистон Сергей Вадимович Григорев таъкид кард, ки равобити ду кишвар дар ҳамаи самтҳо - аз амният то маориф ва фарҳанг босуръат рушд меёбанд. Сафари дарпешистодаи Президенти Русия Владимир Путин ба Душанбе, ба гуфтаи ӯ, на танҳо рамзи дӯстии дерина, балки оғози марҳилаи нави шарикии стратегӣ хоҳад буд.

Ҷаҳонгири СУЛТОН,
махсус барои
"Тоҷикистон"

САРИ САБЗ



Исфандиёр ҒУЛОМОВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- … Тарафи дигари ресмонро суст мекарданд ва боз гурсосзанон ба кӯҳ бармехӯрдам. Аъзои баданам вақти ба навор гирифтан бар асари бархӯрдан ба шах ва сангҳои кӯҳ маъюб шуд. Пас аз наворбардорӣ муддати шаш моҳ ангуштони дастамро ҷамъ карда наметавонистам…

- Баъди шаш моҳ ангуштонро қату рост кардаву "гонорар"-и зӯрро ба даст гирифта, он наворбардориву ресмону бархӯрданҳо ба шаху сангҳои кӯҳро ҳам фаромӯш кардагистед.



Саидмурод ДАВЛАТОВ,
устоди маъруфи бизнес

- Дар зиндагӣ ва фаъолият аз ҳама муҳим барои худ пайдо кардани устод аст. Яъне, ба шумо роҳи корро нишон медиҳад ва иштибоҳҳоятонро ислоҳ мекунад. Ментор метавонад роҳнамо шавад, ки шумо ба чойи 10 сол дар 3-5 соли наздик натиҷа ба даст ored.

- Натиҷа чӣ мешавад? Яъне, натиҷаи менторӣ. Ё ҳама устодони роҳнамо ба таври хайрия, танҳо ба хотири дар роҳи фаъолият муваффақ шудани шогирдон кор мекунанд?



Мирзоумари МИРЗОАҲМАД, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон

- Боре ба осоишгоҳи Истаравшан ба истироҳат рафтам. Марде наздам омаду гуфт, ки ҳамаи сабти барномаҳои "Хандинкамон"-ро дорад. Ҳарчанд 8 сол боз дар ин театр-студия фаъолият намекунам, ҳамоно дар зеҳни мардум ҳамчун "бобо"-и "Хандинкамон" ҷой гирифтаам.

- Гап байни худамон, устод, дар "Хандинкамон" ягон нафаре буд, ки дар зеҳни мардум ҳамчун "бибӣ" ҷой гирифта бошад? Охир, зиндагии бобо бе бибӣ камрангу дилбазан аст ку!

Марги фармондеҳи тоҷики ДОИШ

Расонаҳои покистонӣ аз кушта шудани як фармондеҳи тоҷикистонии ДОИШ дар шаҳри Мазори Шарифи Афғонистон хабар доданд. Аз ӯ Муҳаммад Эҳсонӣ ном бурда шудааст, ки бо исми "Анвар" низ маъруф будааст.



Гуфта мешавад, ки ин фармондеҳи шохаи “Хуросон”-и ДОИШ дар тарҳрезӣ ва иҷрои ҳамлаи маргталабона дар Пешовар дар соли 2022 даст дошт. Хабари кушта шудани Муҳаммад Эҳсониро телевизиони форсизабони "Афғонистон интернешнл" ҳам пахш кардааст. Бар асоси ин гузориш, Муҳаммад Эҳсонӣ масъули ҷалб ва омӯзиши бомбгузорони маргталаби тоҷик барои анҷоми ҳамлаҳо дар хоки Покистон будааст.

news24

Марги боз як тоҷикистонӣ дар ҷанги Украина

26-уми сентябр як зодаи Тоҷикистон, ки дар сафи неруҳои мусаллаҳи Русия дар ҷанги зидди Украина кушта шудааст, дар вилояти Владимир ба хок супурда шуд. Маъмурияти шаҳри Юрйев-Полский аз ӯ Исломиддин Ҳикматович Раҳматов ном бурдааст.



Гуфта мешавад, ки Исломиддин Раҳматов соли 2002 дар Тоҷикистон таваллуд шуда, баъдан ба Русия кӯчид. Ӯ бо Вазорати мудофиаи Русия барои хидмати ҳарбӣ созишнома имзо кард ва дар артиш дар рутбаи снайпер ва разведкачии калон ё сарбози калони иктишофӣ хидмат мекард. Тибқи иттилои тарҳи давлатии “Зистан мехоҳам"-и Украина то имрӯз тақрибан 200 тоҷик дар ҷанги Русияву Украина кушта шудаанд.

ВН



ТОЛИБОН ИНТЕРНЕТРО ДАР АФҒОНИСТОН ҚАТЪ КАРДАНД

Расонаҳои Афғонистон хабар медиҳанд, ки интернет дар саросари ин кишвар аз шоми 29-уми сентябр қатъ гардидааст. Гуфта мешавад, ки аввал интернети ноқилӣ дар тамоми Афғонистон қатъ гардида, баъдан интернети мобилӣ ҳам ба мушкил дучор шуд.

Ҳукумати "Толибон" то кунун сабаби қатъи интернет барои беш аз 40 миллион шаҳрванди Афғонистон-ро шарҳ надодаанд. Аммо дар гузашта гуфта буданд, ки ин иқдомро ба хотири “пешгирӣ аз амалҳои бад” анҷом медиҳанд. Созмони "NetBlocks", ки амнияти сайберӣ (киберӣ) ва мудирияти интернетро дар тамоми дунё назорат мекунад, эълон кардааст, ки Афғонистон дар ҳоли ҳозир бо қатъи комили интернет рӯ ба рӯ аст ва ҳоло хадамоти телефонӣ ҳам дар вазъияти бад қарор дорад. Ба гузориши расонаҳо, қатъи комили интернети ноқилӣ ва мушкил дар шабакаҳои мухобиротии Афғонистон мавқуф мондани чандин парвозҳои ҳавопаймоӣ, дучори мушкил шудани хидматрасониҳои бонкӣ, аз кор мондани дурбинҳои амниятӣ, қатъи пахши бархе аз шабакаҳои телевизионӣ ва саргардонии мардумро дар пай доштааст.

Аз ҷумла, сомонаи "Flightradar 24" гузориш додааст, ки рӯзи 30-юми сентябр панҷ парвоз ба Кобул лағв шудааст, ки се парвоз аз Дубай ва ду парвози дигар аз Истанбул ва Маскав будаанд.

СУЛҲИ ИСРОИЛУ ҒАЗЗА

Тарҳи Трамп ва Нетаняҳу самар меорад?

Доналд Трамп, раисҷумҳури Амрико ва Бенямин Нетаняҳу, нахуствазири Исроил бар сари тарҳи сулҳ дар Ғазза, ки аз сӯи Иёлоти Муттаҳида пешниҳод шудааст, ба созиш расидаанд. Онҳо 29-уми сентябр дар Кохи сафед дидору гуфтугӯ доштанд.



Дар тарҳи сулҳ дар Ғазза, ки 20 бандро дар бар мегирад, пешниҳод шудааст, ки ҷанги Исроил дар ин минтақа фавран поён ёбад ва ҲАМОС гаравгонҳои зинда ва ҷасади асирони мурдаи исроилиро дар зарфи 72 соат бояд бар ивази даҳҳо фаластинӣ, ки дар зиндонҳои Исроил қарор доранд, озод кунад. Трамп ва Нетаняҳу аз ҲАМОС хостаанд, ин тарҳи сулҳро қабул кунад ва таҳдид кардаанд, ки агар ин корро накунад, Исроил ин гурӯҳро “нобуд хоҳад кард”.

Ба гузориши расонаҳо, лоиҳаи сулҳ дар Ғазза ба мақомоти ҲАМОС равон шудааст. Аммо гуфта мешавад, машварати роҳбарони сиёсӣ ва низомии ин гурӯҳи фаластинӣ бар сари пешниҳоди сулҳи Амрико, ба далели душвории иртибот дар пайи ҳамлаҳои Исроил ба Ғазза, мумкин аст каме тӯл кашад.

Нуктаҳои асосии тарҳи пешниҳодии Кохи сафед барои сулҳ дар Ғазза чунинанд:

- ҲАМОС ва гурӯҳҳои дигар ҳеҷ нақше дар идораи Ғазза нахоҳанд дошт;

- Исроил Ғаззаро ишғол нахоҳад кард;

- Ҳеҷ касе маҷбур ба тарки Ғазза нахоҳад шуд;

- Афви он аъзои ҲАМОС, ки “ба ҳамзистии мусолиматомез аҳд банданд ва силоҳҳои хуро ба замин гузоранд”;

- Ирсоли кумакҳои башардӯстона ба Ғазза бидуни дахолати тарафҳо;

- Идораи Ғазза ба таври муваққатӣ ба як кумитаи ғайрисиёсии фаластинӣ ва зери назорати байналмилалӣ дода мешавад;

- Исроил неруҳои худро аз Ғазза берун хоҳад кард.

СММ ЭРОНРО БОЗ ТАҲРИМ КАРД

Ҷумҳурии Исломӣ аз барномаи ҳастаӣ даст намекашад

28-уми сентябри соли 2025 таҳримҳои Созмони Милали Муттаҳид (СММ) алайҳи Эрон, ки соли 2015 бар асоси созишномаи ҳастаии БАРҶОМ миёни Теҳрон ва чанде аз кишварҳои аврупоӣ ва Амрико боздошта шуда буданд, дигарбора баргардонида шуданд.



Сабаби асосии бозгашти таҳримҳо қатъи ҳамкории Эрон бо Агентии байналмилалии энергияи атомӣ (IAEA) дар асоси созишномаи БАРҶОМ гуфта мешавад.

Ба гузориши расонаҳо, бо бозгашти таҳримҳои СММ алайҳи Эрон дар чаҳорчубӯби “созукор (механизм)-и мошa”, Теҳрон тахти мамнуияти тамоми фаъолиятҳои ғанисозии уран ва коркарди он, инчунин, мамнуияти фаъолиятҳои марбут ба мушакҳои боллистикӣ, аз ҷумла партоби мушакҳо қарор хоҳад гирифт.

Ба иттилои хабаргузории “Рейтерз”, бозгашти ин таҳримҳо сафари даҳҳо эрониро ба хориҷ манъ карда, дороиҳои бархе нафарон ва ниҳодҳои эронӣ дар берун аз кишварашонро масдуд ва интиқоли ҳар таҷҳизотеро, ки метавонад дар барномаи ҳастаии Эрон истифода шавад, манъ мекунанд.

Таҳримҳои СММ зидди Эрон пас аз он дигарбора ҷорӣ шуданд, ки Шурои амнияти СММ барои бозгардонидани онҳо рӯзи 19-уми сентябр раъй дод. Баъди ин Русия ва Чин қатъномаеро ба Шурои амнияти СММ пешниҳод карданд, ки бозгашти таҳримҳоро 6 моҳ ба таъхир меандохт, аммо он бо 9 овози мухолиф рад шуд.

Эрон ба ин таҳримҳо воқуниш карда, онро "ғайриқонунӣ" ва "мухолифи ҳуқуқи байналмилалӣ" номид. Вазорати корҳои хориҷии Эрон эълон кард, ки ин таҳримҳо натиҷаи фишори сиёсии кишварҳои ғарбӣ мебошанд ва ягон асоси ҳуқуқӣ надоранд.

Ҷумҳурии Исломӣ таъкид кард, ки барномаи ҳастаии худро бо қудрати бештар идома медиҳад ва ба ҳеҷ маҳдудияте таслим нахоҳад шуд.

Созишномаи ҳастаии БАРҶОМ 14-уми июли соли 2015 байни Эрон ва гурӯҳи кишварҳои "P5+1" (ИМА, Русия, Чин, Британиё, Фаронса ва Олмон) имзо шуд. Мувофиқи ин созишнома, Эрон бояд барномаи ҳастаии худро маҳдуд месохт ва ба бозрасиҳои байналмилалӣ розӣ мегардид, дар иваз таҳримҳои иқтисодӣ ва молиявӣ бардошта мешуданд.

МУЛОҚОТ БО РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ТУРКИЯ

28-УМИ СЕНТЯБР РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА ЗИМНИ САФАРИ КОРӢ БА ТУРКИЯ БО РАИСИ БОНКИ МАРКАЗИИ ТУРКИЯ ҶАНОБИ ФАТИХ КАРАХАН МУЛОҚОТ НАМУД.



Дар вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба таҳкими ҳамкорӣ миёни низомҳои бонкии ҳар ду кишвар суҳбат намуданд. Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Туркия аз шарикони доимӣ ва боэътимоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, робитаҳои тиҷоративу молиявӣ миёни ҳар ду кишвар дорои заминаҳои қавӣ мебошанд.

Раиси БМТ зимни мулоқот ба ҳамтои худ оид ба дастовардҳо ва ислоҳоти чанд соли охир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои омории низоми бонкӣ дар соли 2025, сатҳи муътадили таваррум, устувории молиявӣ ва афзоиши сатҳи эътимоди мардум маълумот дод.

Қайд карда шуд, ки ислоҳоти молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ ва таъмини муҳити молиявии шаффофу пешгӯишаванда равона шуда, солҳои охир ҳиссаи устувори иштироки сармояи хориҷӣ дар сармояи ташкилотҳои қарзии кишвар мушоҳида мешавад. “Мо ҳузур ва эҳтимоли густариши бонкҳои туркиро дар бозори худ бо самимият истиқбол мекунем, зеро иштироки онҳо ба таҳкими рақобат, ҷорӣ кардани таҷрибаи пешрафтаи молиявӣ ва дастгирии рушди устувори иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард”,- таъкид намуд Толибзода Ф.

Фирдавс Толибзода дар анҷоми суҳбат аз раиси Бонки марказии Туркия ҷаноби Фатих Карахан барои анҷоми сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ба амал оварда, изҳор дошт, ки самтҳои нави ҳамкорӣ, аз ҷумла татбиқи таҷрибаи муосири Туркия дар бахши рақамисозӣ ва технологияҳои бонкии инноватсионӣ барои рушди низоми молиявии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегарданд.



ИШТИРОК ДАР ҶАЛАСАИ ҲАФТУМИ ФОРУМИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ КУМИТАИ ДОИМОАМАЛКУНАНДА ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ТИҶОРАТИИ СҲИ

РӮЗҲОИ 28-29-УМИ СЕНТЯБР РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРДАВС ТОЛИБЗОДА ДАР ШАҲРИ ИСТАНБУЛ (ТУРКИЯ) ДАР ҶАЛАСАИ 7-УМИ ФОРУМИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ КУМИТАИ ДОИМОАМАЛКУНАНДА ОИД БА ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ТИҶОРАТИИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ИСЛОМӢ (ОІС-СОМСЕС) ИШТИРОК ВА СУХАНРОНӢ НАМУД.

Зимни суханронӣ дар мавзуи «Арзёбии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи чор самти афзалиятноки Барномаи ОИС-2025» раиси Бонки миллии Тоҷикистон баён дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми даҳ соли охир, сарфи назар аз номуайяниҳои молиявӣ ва фазои мураккаби сиёсию иқтисодии ҷаҳон, уҳдадории худро дар самти рушди фарогиру устувор ва суботи иҷтимоӣ нигоҳ дошта, дар пешбурди самтҳои афзалиятноки Барномаи ОИС-2025 ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Аз ҷумла, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 32% то 20,4% коҳиш ёфта, музди миёнаи моҳона якчанд маротиба зиёд гардид. Дар бахши молия дороиҳои бонкӣ қариб се маротиба зиёд шуда, сатҳи қарзҳои ғайрифаъол ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Дастовардҳои муҳим ҳамчунин дар самти рақамисозӣ ба қайд гирифта шуданд: шумораи муштариёни мобилӣ ва интернетӣ дар даҳ соли охир даҳҳо маротиба афзуда, ҳаҷми пардохтҳои ғайринақдӣ ба миллиардҳо доллари ИМА расид. Ин раванд имкониятҳои нави молиявиро барои аҳолӣ ва соҳибкорон фароҳам овард ва ба рушди иқтисоди рақамӣ замина гузошт.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъкид намуд, ки кишвар пайваста ба принсипҳои рушди фарогир ва суботи иҷтимоӣ такя карда, ҷонибдори таҳкими ҳамбастагии минтақавӣ ва ҳамкории дастаҷамъонаи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ мебошад.

ОИД БА САНҶИШИ ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ ДАР ПОРТАЛИ СУҒУРТАВИИ БМТ

БА МАЪЛУМОТИ СОҲИБОН ВА РОНАНДАГОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ РАСОНИДА МЕШАВАД, КИ АЗ 22-ЮМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2025 “НИЗОМИ ЯГОНАИ СУҒУРТАИ ЭЛЕКТРОНӢ” БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ МЕНАМОЯД. МАҚСАДИ АСОСИИ РОҲАНДОЗИИ НИЗОМ - РАҚАМИКУНОНӢ ВА ҲАМГИРОИИ РАВАНДҲО ДАР НИЗОМИ СУҒУРТА МЕБОШАД, КИ БА ШАФФОФИЯТ, БАТАНЗИМДАРОРӢ, НАЗОРАТИ СИФАТНОК ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ МУСОИДАТ МЕНАМОЯД.

Санҷиши мавҷудияти полиси суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии гражданию ҳуқуқии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар портали суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон https://nbt.tj/tj/sugurta/nizomi-yagonai-sugurtai-elektroni.php аз рӯйи рақами давлатии бақайдгирии воситаи нақлиёт имконпазир аст. Бо назардошти чузъиёти техникӣ қисме аз полисҳои амалкунандаи суғурта дар баъзе мавридҳо дар низом инъикос намеёбанд. Барои ҳалли ин масъала Telegram-канали расмӣ таъсис дода шудааст.

Дар ҳолати муваққатан мавҷуд набудани маълумот оид ба полиси амалкунандаи суғурта соҳибони воситаҳои нақлиёт метавонанд тавассути аксгирӣ полиси суғуртавии худро ба мессенҷери Telegram ба рақами +992 177 99 39 39 ирсол намоянд. Маълумоти фиристодашуда ҳамарӯза ба ташкилотҳои суғуртавӣ ирсол шуда, дар муддати 10 рӯз ба Низоми ягона ворид мегардад.

Қобили зикр аст, ки то пурра ворид гардидани ҳамаи полисҳои амалкунанда ба Низом нисбат ба соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ронандагон ҷарима татбиқ намегардад.

Ҳангоми пайдо гардидани саволҳо ва мушкилот оид ба ирсоли аксҳои полисҳои суғуртавӣ шаҳрвандон метавонанд ба маркази тамоси “Низоми ягонаи суғуртаи электронӣ”-и БМТ бо рақамҳои кӯтоҳи 3939 ҳамарӯза аз соати 08:00 то 20:00 мурочиат намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз соҳибон ва ронандагони воситаҳои нақлиёт даъват менамояд, ки полисҳои худро санҷида, дар ҳолати зарурӣ маълумотро барои воридкунии саривақтии онҳо ирсол намоянд.

Шуъбаи матбуоти БМТ

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



ЧАРО “ОМЎЗГОР” БОЛО РАФТУ “МАДАНИЯТ” БАРҲАМ ХЎРД?

Шерализода баъди чанд лаҳзаи хомӯшӣ сигорашонро ба даст гирифта, оташ доданд, дуди аввалро бо оҳистагӣ ба ҳаво раҳо карданд ва бо нигоҳе ҷиддӣ гуфтанд:

- Ҳоло бигӯед, кор дар «Омӯзгор» чӣ гуна аст? Ман худам замоне дар «Маориф ва маданият» кор карда будам. Баъдтар ин нашрияро ба ду қисм ҷудо карданд: «Газетаи муаллимон» ва «Маданият». «Маданият» пеш нарафт, аммо «Омӯзгор» машҳур шуд. Ба андешаи шумо, асрори ин муваффақият дар чист?

Ман гуфтам:

- Пеш аз ҳама, дар шахсияти сармуҳаррир. Бобо Насриддинов на танҳо рӯзноманигори пуртачриба, балки нависандаи бомаҳорат буданд. Он кас бо каме дигаргунӣ мактаби Бӯринисо Бердиеваро давом доданд.

Ба матн ҷиддӣ муносибат мекарданд: танқид мекарданд, ислоҳ мекарданд, вале ҳамеша кормандонро рӯҳбаланд менамуданд.

Шерализода сар ҷунбонданд:

- Дуруст мегӯед. Муҳаррир шахсе аст, ки роҳу равиши рӯзномаро муайян мекунад. Агар худ касбӣ бошаду атрофаш касбиёнро гирд оварад, рӯзнома зинда мешавад. Агар не, аз рӯзнома танҳо ном боқӣ мемонад.

Ман афзудам:

- Ҳамин гуна ҳам шуд. Дар атрофи Насриддинов беҳтарин қаламкашон гирд омада буданд: Дорои Дӯст, Раҳматов, Сармад (Гадобой Ӯзбеков), Самеъ ..., Мирзо Боқӣ... Ҳар кадом шахсияти мустақил, вале дар як фазои ягона. Баҳсу мунозира зиёд мешуд, аммо ҳамин баҳсҳо моро пеш мебурданд.

- Инро ман хуб мефаҳмам,- гуфтанд Шерализода бо табассум.- Ман ҳам дар «Маориф ва маданият» кор карда будам. Он вақт анъанаи Бӯринисо Бердиева идома дошт. Рӯзнома мактаби воқеӣ буд.

Сипас, бо садои оҳистатар илова карданд:

- Медонед, мо рӯзноманигорон аксаран дар пайи хабар мешитобем, аммо фаромӯш мекунем, ки рӯзнома танҳо хабарнома нест. Он рӯҳ дорад. Ва рӯҳро муҳаррир месозад.

Ман гуфтам:

- Бале, «Омӯзгор» ҳамин тавр машҳур шуд. Ҳар матлабашро хонандагон интизорӣ мекашиданд, зеро онҳо медонистанд, ки он ҷо сухани касбӣ, андешаи оқилона, таҳлил, пешниҳод ҳаст. “Танқид - меваи коммунизм”-ро дар он бе кофтан меёфтӣ.

Шерализода сар ба тасдиқ ҷунбонда, гуфтанд:

- Пас, асрори муваффақият равшан аст: сармуҳаррири касбӣ ва муҳити касбӣ. Ҳамин ду чиз барои ҳар рӯзнома муҳим аст.

КОСАИ ЗЕРИ НИМКОСА

То дер намефаҳмидам, ки ҳадафи суҳбати тӯлонии Шерализода бо ман чӣ буд. Аввал фикр мекардам, ки ин танҳо гуфтугӯи дӯстона аст. Аммо ниҳоят мақсади аслӣ рӯшан шуд.

Он кас баъди каме сукут, бо нигоҳе ҷиддӣ пурсиданд:

- Кори “Омӯзгор” бароятон писанд аст?

Ман бо қатъият гуфтам:

- Албатта, писанд аст.

Боз каме ба андеша рафтанд ва пурсиданд:

- Агар таклиф шавад, намехоҳед ба ҷойи дигар гузаред?

Ман ҳайрон шудам:

- Ба ҷойи дигар? Ба кучо?

Он кас сигорро дуд доданду гуфтанд:

- Мехоҳанд маро ба сифати сармуҳаррири рӯзномаи навтаъсиси парлумон пешбарӣ кунанд. Аммо ихтисоси ман журналистика нест, ҳарчанд дар ин соҳа кор карда бошам ҳам. Мехоҳам дар паҳлуям журналисти касбӣ бошад.

Ман надонистам чӣ гӯям. Он кас суханро давом доданд:

- Шумо хатмкардаи факултаи журналистика ҳастед, таҷрибаи корӣ ҳам доред. Медонам, ки бо рӯзномаҳои марказӣ ҳамкорӣ доред. Агар розӣ бошед, бо ҳам кор мекардем.

Ҳис кардам, ки Шерализода мехоҳанд ба ман такя кунанд. Не гуфта наметавонистам. “Ҳар чӣ шумо гӯед”,- гуфтам.

Он кас дасташонро ба китфам гузоштанду гуфтанд:

- Хуб, Маҳмадшариф, якҷо кор мекунем. Қарори Совети Олӣ 29-уми августи соли 1990 ба имзо расид. Баъди Русия мо дуюмин ҷумҳурием, ки соҳиби рӯзномаи мустақили парлумонӣ мешавем. Ин масъулият аст, масъулияти бузург. Мо бояд онро ба сатҳи воқеан касбӣ барорем.

Ҳамин тавр, он суҳбати хонагӣ барои ман оғози роҳи нав гардид.

«САДОИ МАРДУМ» Ё «ОВОЗИ ХАЛҚ»

Соли 1990 дар сессияи Шурои Олӣ масъалаи таъсиси рӯзномаи парлумонӣ ва интихоби номи он мавриди баррасӣ қарор гирифт. Касе гумон намекард, ки масъалаи ба назар оддии номгузорӣ ба баҳси шадид табдил меёбад.

Варианти пешниҳодшуда «Овози халқ» буд. Бисёре аз депутатҳо ба ин ном майл доштанд.

Депутате аз қатори пеш барҳоста, гуфт:

- «Овози халқ» соддаву равшан аст. Ҳар кас мефаҳмад, ки ин рӯзнома овози ҳақиқии халқро мерасонад.

Депутат аз қатори пеш барҳост:

- Ман ҷонибдори «Овози халқ» ҳастам. Ин ном бевосита, равшан ва фаҳмо аст. Ҳар кас мефаҳмад, ки рӯзнома аз номи халқ сухан мегӯяд.

Дигаре ҳамроҳ шуд:

- Бале, «Овози халқ» таъсиргузор аст. «Халқ» калимаи бузург ва муқаддас аст.

Садои ризоият аз толор баланд шуд. Аксарият ҷонибдори ин ном буданд.

Аммо вақте навбат ба Муродуллоҳ Шерализода расид, ӯ ором бархост ва бо қадамҳои устувор ба минбар рафт. Бо нигоҳи ҷиддӣ ва лаҳни андешаманд гуфт:

- Ҳамтоён! Ман аз «Садои мардум» пуштибонӣ мекунам. Ва иҷозат диҳед фаҳмонам, ки ин интихоби ман бар кадом асос аст.

Толор каме ором шуд.

- Аввал, аз нигоҳи забонӣ,- гуфтанд он кас.- «Овоз» мафҳуми ҷисмонӣ дорад: садое, ки мешунавем. Аммо «садо» васеътар аст. Садо метавонад овоз бошад, метавонад нидо бошад, метавонад хитоб ва ҳатто шеъру суруд бошад. «Садо» ҳам маънавист, ҳам моддӣ.

Ӯ лаҳзае таваққуф кард, сипас идома дод:

- Дигар, «халқ» бештар мафҳуми сиёсию идеологӣ аст. Онро солҳои зиёд истифода кардаанд, ҳатто ба маънои шиор. Аммо «мардум» ба дил наздиктар аст. «Мардум» маънои зинда дорад: падару модар, омӯзгор, деҳқон, донишҷӯ. Ҳар кас худро дар калимаи «мардум» мебинад.

Баъди нутқи ӯ чанд сар ҷунбид.

- Ва муҳимтар аз ҳама,- гуфт Шерализода бо овози баландтар,- «Садои мардум» баёнгари рӯҳ аст, на танҳо овоз. Он на танҳо гӯяндаи фикрҳо, балки шунавандаи дардҳо низ мебошад. Рӯзномаи парлумонӣ бояд ҳамин бошад: садои дили мардум.

Мо намоядагони мардум ҳастем, дар асоси раъйи мардум дар ин курсиҳо қарор дорем. Агар ҳадаф наздикӣ ба ҷомеа ва инъикоси зиндагии мардуми оддӣ бошад, пас «Садои мардум» номгузорӣ кардан беҳтар аст. Садо васеъ ва мардумӣ аст, на танҳо фикр, балки эҳсос, талаб ва дарди мардумро ҳам фаро мегирад.

Сукути толор. Суханони ӯ ба дилҳо нишаста буданд.

Раиси ҷаласа танаффус эълон кард. Депутатҳо гурӯҳ-гурӯҳ баҳс мекарданд. Чанд нафаре, ки қаблан ҷонибдори «Овози халқ» буданд, оҳиста ба тарафи Шерализода меомаданд ва эътироф мекарданд:

- Дуруст мегӯед. «Садои мардум» равону гӯшнишин аст, овоз каме гӯшхарош мебарояд.

Баъд аз танаффус боз Шерализода ба минбар баромад ва бо як ҷумла баҳсро ҷамъбаст кард:

- Агар мо мехоҳем ин рӯзнома мардумӣ бошад, бо мардум бошад, пас беҳтарин ном «Садои мардум» аст.

Раъйгирӣ баргузор шуд. Натиҷа равшан буд: «Садои мардум» пирӯз гардид.



АЗ ХОТИРОТИ АТО ҲАМДАМ

Ман аслан бо шахсияти Муродуллоҳ Шерализода ғоибона ошно будам. Эшон дар дастгоҳи Котиби якум ёрдамчӣ кор мекарданд, мо танҳо дар маъракаҳо вомехӯрдем, салому алейк мекардем. Охирин интихоботи қарни гузашта моро воқеан наздик кард: Муродуллоҳ аз Панҷакент ва ман аз Ҳисор вакил интихоб шудем ва дар бинои Шурои Олӣ ба ҳам омадем.

Ҳамкорӣ дар Шурои Олӣ сабаб шуд, ки ман ӯро бештар бишносам. Овозаҳо шунида будам, вале дар амал дидам: Муродуллоҳ зиёӣ ба маънои том, миллатдӯст ва инсони комил буд. Суҳбатҳое, ки дар танаффусҳо ё ҳангоми таъомхӯрӣ доштем, то ҳол дар ёдам ҳастанд. Ӯ бисёр хоксору фурӯтан буд, аммо ҳамзамон боғурур ҳам.

Замоне бо қарори Шурои Олӣ нашри рӯзномаи парлумонӣ ба миён омад, бояд сармуҳаррир, ҷонишини сармуҳаррир ва котиби масъулро вакилон интихоб мекарданд. Якум ба вазифаи сармуҳаррир Муродуллоҳ Шерализода пешниҳод шуд. Ёдам нест, кӣ маро низ пешниҳод кард. Вақте номзадҳо ба овоздиҳӣ гузошта шуданд, аксарият ба ҷонибдории Муродуллоҳ овоз доданд ва ӯ сармуҳаррир интихоб шуд.

Аммо ин ҳеҷ гоҳ муносибати моро сард накард. Ман вазифаталаб набудам ва дар Шурои Олӣ вазифаи ҷонишини раиси комиссияро ичро мекардам. «Садои мардум» аз шумораи аввал хеле босифат мебаромад. Замони ошкорбаёнӣ буд ва рӯзнома матолиби танқидиро бидуни тарс нашр мекард.

(Давом дорад)

Ш. ҲАМДАМПУР

ТИҶОРАТ

$1,4 МИЛЛИАРД ДАР 8 МОҲ

Афзоиши гардиши савдо миёни Тоҷикистону Русия

Дар 8 моҳи соли равон ҳаҷми гардиши савдо байни Тоҷикистон ва Русия ба беш аз 1,4 миллиард доллар расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13% афзоиш ёфтааст. Ин рақам 26-уми сентябри соли равон дар ҷаласаи 21-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Русия садо дод.



Дар ҷаласа, ки бо иштироки Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва муовини раиси ҳукумати Русия Марат Хуснуллин доир шуд, масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, кишоварзӣ ва маориф баррасӣ шуд. Қайд гардид, ки соли 2024 ҳаҷми гардиши савдо бо Федератсияи Русия 1,9 миллиард долларро ташкил дод. Ин нишондод нисбат ба соли 2023-юм 200 миллион доллар зиёд аст.

Ҳамзамон, ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати густариш ва истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда изҳор намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот Протокол оид ба фаъолияти муштараки Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории Тоҷикистон ва Русия ба имзо расидааст.

Ҳамзамон, дар ин рӯз вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода бо вазири молияи Русия Антон Силуанов мулоқот намуда, густариши ҳамкорӣ дар идоракунии молия ва истифодаи технологияҳои навро баррасӣ карданд.

Ба иттилои Вазорати молияи Тоҷикистон, ҷонибҳо аҳамияти сатҳи баланди шарикӣ ва нақши Русия ҳамчун шарики стратегии Тоҷикистонро таъкид карда, зикр намуданд, ки гардиши савдо соли 2024 тақрибан 2 млрд долларро ташкил дод. Зимни мулоқот татбиқи Созишномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои молияи ду кишвар ва густариши ҳамкориҳои муштарак баррасӣ шуд.

"Ҳамзамон, ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати густариши ҳамкориҳо дар самти идоракунии рақамии молия, назорати қарзи давлатӣ, табодули таҷриба оид ба бароркунии коғазҳои қиматнок, аз ҷумла "сабз", дастгирии омодасозии лоиҳаҳо бо ҷалби институтҳои рушд ва коркарди механизмҳои нави маблағгузорӣ баён намуданд",- иттилоъ дод манбаъ.

Ёдовар мешавем, ки президенти Русия Владимир Путин 9-уми октябри соли равон бо сафари давлатӣ ба Тоҷикистон меояд. Ӯ дар нишасти "Осиёи Марказӣ - Русия" иштирок менамояд.

ФОРУМ

"DUSHANBE INVEST FORUM-2025" ДАР ДУШАНБЕ

Аз 14 то 16-уми октябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии сармоягузории "Dushanbe Invest Forum-2025" баргузор мешавад. Чорабинии сатҳи баланд бо ташаббуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шаҳрдории Душанбе ва бо дастгирии Ҳукумати кишвар ташкил карда мешавад.

Мавзуи асосии форум рушди устувори иқтисодӣ тавассути лоиҳаҳои сабз, иқтисоди рақамӣ ва моделҳои муосири рушди саноатӣ мебошад. Ин платформаи муҳим барои муаррифии иқтидори сармоягузории Тоҷикистон ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Дар доираи кори форум масъалаҳои муҳими марбут ба энергияи барқароршаванда, ҷорӣ кардани



принсипҳои "ESG", молия ва иқлим, инчунин рушди сайёҳии экологӣ баррасӣ мешаванд.

Бахши махсус ба рақамисозии иқтисод, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, технологияҳои молиявӣ, амнияти киберӣ ва хизматрасониҳои электронии нав бахшида мешавад. Ҳамзамон, рушди минтақаҳои саноатӣ, таъмини ивазкунии воридот ва истеҳсолоти муосир ҳамчун самтҳои стратегӣ пешниҳод мегарданд.

ҲАМКОРӢ

ТО $1 МИЛЛИАРД ТАСМИМИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКИЯ

Тоҷикистон ният дорад, ки ҳаҷми гардиши молу маҳсулоти дуҷонибаро бо Туркия то ба 1 миллиард доллар расонад. Ин тасмим дар мулоқоти муовини Сарвазири кишвар Ҳоким Холиқзода бо вазири меҳнат ва таъминоти иҷтимоии аҳолии Туркия Ведат Ишикхан дар шаҳри Душанбе гирифта шуд.

Ба таъкиди Холиқзода, саноати нассоҷӣ, коркарди алюминий ва таъсиси корхонаҳои муштарак аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷониба маҳсуб меёбанд. Инчунин, ҷонибҳо баргузории ҷаласаи ба наздикии Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Туркияро, ки моҳи октябр дар Душанбе доир мегардад, муҳим донистанд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои густариши ҳамкорӣ дар бахшҳои сайёҳӣ, маориф, фарҳанг, лоиҳаҳои иҷтимоӣ бо пуштибонии Агентии ҳамкории байналмилалии Туркия (TİKA) низ



мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, дар 8 моҳи соли 2025 ҳаҷми савдои Тоҷикистон бо Туркия ба 277,4 миллион доллар расида, 2,2% бештар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мебошад.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ



4 ХАТАР ВА 4 МАСЛИҲАТ

Бо рушди технология, имрӯз мо қариб ҳама корро тавассути интернет анҷом медиҳем. Харид мекунем, маблағ мефиристем, хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳатто қарзро онлайн мегирем. Аммо, ҳар қадар интернет барои мо имконият медиҳад, ҳамон қадар хатар низ меорад. Аз ҳама маълумоти осебпазир иттилооти молиявӣ аст. Яъне, маълумоти марбут ба корт, суратҳисоб ва паролҳои бонкии мо аст.

ЧАРО МУҲИМ АСТ?

Маълумоти молиявӣ мисли калиди сандуқ ё сейфи шахсии шумо аст. Агар ин маълумот ба дасти шахсони қаллоб ё дузди интернетӣ афтад, метавонад бе маблағ монад. Яъне, онҳо метавонанд пули шуморо бе иҷозат гирифта, ба суратҳисобҳои худ гузаронанд. Тавре коршиноси соҳаи амнияти рақамӣ Шералӣ Саидов мегӯяд: "Имрӯз фақат як клик дар пайванд (ссылка)-и нодуруст кофист, ки иттилооти шахсии шумо ба дасти қаллобон афтад. Барои ҳамин, донистан ва риояи қоидаҳои амнияти рақамӣ бисёр муҳим аст".

4 ХАТАР

Якум, паёмакҳо ва почтаҳои қалбакӣ. Қаллобон ба шумо паём мефиристанд, ки гӯё аз номи бонк аст ва мехоҳанд шуморо водор созанд, ки маълумоти махфиятонро ворид кунед.

Дуюм, сомонаҳои дурӯғин. Ба назар як хел бо сомонаҳои расмии бонканд, вале дар асл қалбакӣ ҳастанд.

Сеюм, Wi-Fi - интернет. Агар дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо интернети боз вориди бонки мобилӣ шавед, маълумотатон метавонад дуздида шавад. Бинобар ин, беҳтараш аз интернети худ истифода кунед.

Чорум, барномаҳои шубҳанок. Баъзе барномаҳо маълумоти шуморо пинҳонӣ ҷамъ мекунанд.

4 МАСЛИҲАТ

Якум, аз паролҳои қавӣ ва дорои иҷозатнома истифода баред. Парол бояд на камтар аз 8 аломат дошта бошад ва дар он ҳарф, рақам ва аломати махсус истифода шавад.

Дуюм, пайвандҳои шубҳанокро клик накунед. Агар паём ё мактубе гиред, ки дар он пайванд (ссылка) аст у ба шумо шубҳанок менамояд, онро накушоед. Пеш аз кушодан, пурсед, ки оё ин манбаъ боэътимод аст?

Сеюм, барномаи бонкиро танҳо аз манбаъҳои расмӣ насб кунед. Барои Android аз Google Play, барои iPhone аз App Store. Аз вебсайтҳо ё папкаҳои номаълум чизе насб накунед.

Чорум, маълумоти корт ва паролҳоро ба ягон кас надиҳед. На корманди бонк ва на каси дигар ҳақ надорад маълумоти шуморо талаб кунад. Агар касе мепурсад, дурӯғ аст.

БОНКҲО ЧӢ ГУНА МУҲОФИЗАТ МЕКУНАНД?

Имрӯз аксар бонкҳо барои ҳимояи муштариён аз технологияҳои нав, аз ҷумла рамзгузорӣ, воридшавии биометрӣ (бо ангушт ё чеҳра) ва системаи огоҳсозии SMS истифода мебаранд.

Мутахассиси соҳаи IT Шодрӯз Амондиллоев мегӯяд: "Ҳар қадар истифодабарандагон дониши молиявӣ, амниятӣ дошта бошанд, ҳамон қадар хатар камтар мешавад. Ҳифзи маълумот - ин масъулияти ҳам бонк ва ҳам мизоҷ аст". **Хулоса, истифодаи интернет зарурати замон аст. Аммо, беэҳтиётӣ боиси аз даст рафтани маблағ мегардад.**

Усмон РАҲИМЗОДА

КОНИБОДОМ: ЧОРАҲОИ СУДМАНД БА ПЕШВОЗИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛ

КОНИБОДОМ ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОИ ХУШБОДУ ҲАВОИ ТОҶИКИСТОН БУДА, ТЎЛИ СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ БЕШ АЗ ПЕШ ШУҲРАТ ПАЙДО КАРДАВУ ЗАМИНАҲОИ ЗИНДАГИИ ФАРАҲБАХШ БАРОИ СОКИНОН РЎЗАФЗУН БЕҲТАРУ ФАРРОХТАР МУҲАЙЁ МЕГАРДАНД.



Раиси шаҳри Конибодом Даврон Зоҳидзода мегӯяд, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Конибодом дар ҳашт моҳи соли 2025 фаъолияти худро баҳри ҳамаҷониба татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифагузориҳое, ки зимни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд баён гардидаанд, ҳамзамон, ҷиҳати таъмини иҷрои қарору фармоишоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намуда, ба нишондиҳандаҳои мусбат ноил гардидааст.

ИҶРОИШИ БУҶЕТ

Дар ҳашт моҳи соли 2025 иҷрои нақшаи воридоти андозҳо 101,0 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 108 млн 996 ҳазор сомонии пешбинишуда 110 млн 486 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 1 млн 490 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

Иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ 93 фоизро ташкил дода, ба ҷойи 45 млн 101 ҳазор сомонӣ, дар асл 42 млн 28 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 3 млн 73 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар ин давра 20 млн 897 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 21 млн 650 ҳазор сомонӣ, ё худ 104 фоизро ташкил намудааст, ки нисбати нақша ба маблағи 436 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи бучети маҳаллӣ 101 фоизро ташкил дода, ба ҷойи 68 млн 296 ҳазор сомонӣ дар асл 69 млн 125 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбати нақша 829 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

РУШДИ СОҲАИ САНОАТ

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳр бо нархҳои муқоисавӣ ба 202 млн 335 ҳазор сомонӣ расонида шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 106,6 фоизро ташкил додааст, ки нисбати давраи муқоисавӣ 12 млн 482 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 69 адад корхонаҳои калону миёна ва хурди ҳисоботдиҳанда 27 ададашон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд намуда, 12 адади дигар аз нав фаъолияташонро оғоз намудаанд.

Айни ҳол миқдори корхонаҳои саноатии бозистода 11 ададро ташкил медиҳад, ки онҳо аз сабаби норасоии ашёи хом, маблағи гардон ва фаъолияти мавсимӣ доштанашон фаъолият накардаанд.

Асосан, корхонаҳои саноатии шаҳр бо истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ барои дастгоҳҳо, маҳсулоти қаннодӣ ва нонӣ, нӯшокиҳои ташнагишикан, либосҳои мактабӣ ва истеҳсоли маҳсулоти намуди дӯзандагӣ, сӯзишвории дизелӣ, дару тирезаҳои алюминӣ ва пластикӣ, сангреза, хишти бинокорӣ, коркард ва бандубасти меваи хушк, таъмири асосӣ ва ҷории қатораҳо, коркарди пахта, чигит, семент ва рубероид машғуланд.

Дар соли 2025 дар шаҳр 6 корхонаи нави истеҳсолӣ, аз қабили ҶДММ “Кушкак сохтмон”, ҶДММ “Наврӯзи Канд”, ҶДММ “Қаюмҷон Шукуров”, ҶДММ “Отаҷонов”, ҶДММ “Шукуфон” ва ҶДММ “Наврӯзи канд” бо таъсиси 48 ҷойи корӣ фаъолиятро оғоз намудаанд.

ОМОДАГӢ БА ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Бо мақсади таъмини иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №311, “Дар бораи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҷиҳати бо дастовардҳои назаррас истиқбол гирифтани ин санаи таърихӣ қарори раиси вилоят аз 11-уми марти соли 2022, №41 “Дар бораи тачлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба тасвиб расидааст.

Ба гуфтаи Даврон Зоҳидзода, бо назардошти дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳангоми сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ва Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, инчунин тибқи дархосту пешниҳоди аҳолӣ ба нақшаи чорабиниҳо тағйироти дахлдор ворид гардида, пешниҳод идома дорад.



Мувофиқи нақшаи чорабинӣ бахшида ба ҷашн гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ барои солҳои 2022-2026-ум 714 адад иншоот ба нақша гирифта шуда, иҷрои он ба ҳолати 1-уми сентябри соли 2025-ум 566 адад буда, фоизи иҷроиш 82,9-ро ташкил додааст. Дар соли 2022 сохтмони 142 адад иншоот ба нақша гирифта шуда, иҷрои он 154 адад, соли 2023-юм 142 адад ба нақша гирифта шуда, иҷроиши он 150 адад, дар соли 2024-ум 142 адад ба нақша гирифта шуда, иҷроиши он 153 адад ва ба ҳолати дар соли 2025-ум 142 адад ба нақша гирифта шуда, иҷрои он ба ҳолати 1-уми сентябри соли ҷорӣ 109 ададро ташкил додааст. Иншооти таъиноташон гуногун сохта ба истифода дода шуда ва корҳои ободонӣ амалӣ карда шудаанд, ки 76,7 фоизи нақшаи пешбинишудаи соли хисоботиро ташкил медиҳад ва зиёда аз 94 адад ҷойи нави корӣ таъсис гардидааст.

Баҳри иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июни соли 2018, таҳти №335 дар маркази шаҳр боз сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, кӯдакистон ва бинои нави муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ идома дошта, дар соли 2025 мавриди истифода қарор дода хоҳанд шуд.

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр минбаъд низ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои муҳтарам Пешвои миллат, қарору супоришоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини иҷрои ҳамаи нақшаву вазифаҳои вогузоргардида аз тамоми имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда, оид ба таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораву тадбирҳои судманд меандешад,- мегӯяд раиси шаҳри Конибодом Даврон Зоҳидзода.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО





ПЕШНИҲОДИ ВАКИЛИ ПАРЛУМОН

Дастрасии наврасон ба шабакаҳои иҷтимоӣ манъ шавад

Як вакили Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон пешниҳод кардааст, ки дастрасии наврасони то 14-сола ба шабакаҳои иҷтимоӣ пурра манъ карда шавад. Вакил ҳамчунин пешниҳод кардааст, ки наврасони 14-17-сола танҳо бо иҷозаи хаттии волидайн аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода баранд.

Дилноза Аҳмадзода дар мақолае, ки нашрияи расмии "Народная газета" чоп кард, навиштааст, манъи дастрасии наврасон ба шабакаҳои иҷтимоӣ онҳоро аз маълумоти зараровар ҳифз мекунад.

Мақолаи Аҳмадзода охири моҳи май нашр шуда, ахиран ба расонаҳо роҳ ёфт. Вакили парлумон пешниҳод кардааст, ки ба Қонун “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак” тағйирот ворид шуда, дастрасии наврасони то 14-сола ба шабакаҳои иҷтимоӣ манъ шавад. Мақомоти Тоҷикистон ба ин пешниҳод ягон вокуниш накардаанд.

Баъзе коршиносони тоҷик мегӯянд, ки пурра маҳрум кардани наврасон аз истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ роҳи ҳал нест.

Таҷрибаи манъ кардани истифода аз шабакаҳои иҷтимоӣ барои наврасон дар баъзе кишварҳо ҷорӣ шудааст. Аз ҷумла мақомоти Австралия наврасони аз 16-сола поёнро аз дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ маҳрум мекунанд. Ин қонун аз моҳи декабри имсол ба иҷро медарояд.

ТОҶИКИСТОН КАЙ АЗ МУҲОҶИРАТ ХАЛОС МЕШАВАД?

Бонки авруосиёии рушд (БАОР) пешгӯӣ кардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кай аз мушкили муҳоҷирати корӣ раҳоӣ меёбад.

Коршиносони БАОР дар гузоришҳои моҳи сентябриашон зикр кардаанд, ки аломатҳои нахустини коҳиши муҳоҷирати корӣ дар Тоҷикистон баъди 10 сол оғоз шуда, эҳтимол пас аз 30 сол Тоҷикистон пурра аз муҳоҷирати корӣ “халос” шавад. Яъне тибқи ин пешгӯӣ имкон дорад, ки солҳои 2050 Тоҷикистон кишваре шавад, ки аз мушкили муҳоҷират раҳоӣ пайдо мекунад.

Муаллифони гузориш бар онанд, ки наздикшавии маош ва нишондиҳандаҳои демографии Тоҷикистон бо Русия ба ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ хоҳад дошт.

“Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ дар минтақа фарқияти маош бо Русияро кам мекунад. Тайи 4-5 соли охир маоши миёна дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Қирғизистону Арманистон бо музди меҳнати миёна дар Русия наздик мешавад”,- навиштаанд онҳо.

Тибқи арзёбии БАОР, маош дар Тоҷикистон нисбат ба Русия пасттар аст, вале ин фарқият дар даҳсолаи ҷорӣ коҳиш меёбад, аммо фарқияти маош пурра аз байн намеравад.

Дар гузориш таъкид мешавад, ки ба ҷуз фарқият дар маош, фаъолмандии ҷараёни муҳоҷират бо демография низ муайян карда мешавад. Онҳо зикр мекунанд, ки теъдоди таваллуд ба ҳисоби 1000 нафари аҳолӣ дар Тоҷикистон тадричан 1-2 нафар дар як сол кам мешавад.

Дар гузориш гуфта мешавад, ки интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон яке аз муҳаррикҳои калидӣ барои иқтисоди кишвар бокӣ мемонад.

“Интиқоли маблағҳо, ки дар тавозуни пардохт ҳамчун “маоши кормандон” ва “интиқоли шахсони воқеӣ” зикр мешавад, қариб нисф (47,6%)-и Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)-и Тоҷикистонро дар соли 2024 ташкил медиҳанд”,- таъкид мешавад дар гузориш.

Зикр мегардад, ки Тоҷикистон давоми 20 сол боз яке аз пешсафон дар ҷаҳон аз лиҳози таносуби интиқоли маблағ нисбат ба ММД мебошад.



НАФАҚАИ МУҲОҶИР БЕКОР МЕШАВАД?

Вакилони Думаи давлатӣ аз ҳизби ЛДПР ё Ҳизби либералу демократи Русия ба баррасии маҷлис тарҳи нави қонунеро пешниҳод карданд, ки мегӯяд, муҳоҷирони коргар дар ин кишвар бояд аз гирифтани нафақаи иҷтимоӣ маҳрум шаванд.

“Парламентская газета”, нашрияи расмии Думаи давлатӣ ин хабарро рӯзи 29-уми сентябр бо такя ба дафтари матбуоти ҳизб нашр кардааст. Гурӯҳи ҳизбӣ ба раҳбарии Леонид Слутский, ки ҳамеша бо мавқеи нажодпарастонааш фарқ мекард, гуфтааст, соли гузашта дар Русия 600 ҳазор коргари хориҷӣ қарор дошт ва ин шумора рекордӣ аст. Ҳадди миёнаи нафақаи ин гурӯҳ сеяки маоши онҳоро ташкил медиҳад.

Слутский бо пешниҳоди тарҳи нави қонун гуфтааст, ки дар пасманзари “мушкилоти демографӣ ва амалиёти вижаи ҳарбӣ” (дар Русия ҷанги зидди Украинаро чунин ном мебаранд) “ҳар як тин ба ҳисоб аст” ва ин ҳам дар ҳолест, ки “муҳоҷирон дар бунёди ин давлат иштирок намекунанд ва бисёр вақт Русияву русҳоро бад мебинанд, аз ин давлат нафақа дарёфт мекунанд”.

Ин сиёсатмадор гуфтааст, ки “вақте нафахаҳӯрони мо тини ночиз мегиранд, пиронсолони рус барои додани пули хона ё харидани хӯрок пули кофӣ надоранд! Мо боз бояд тӯдаи бекорҳӯчаҳои гузароро таъмин кунем, ки қисми зиёдаш махсус барои гирифтани кумакҳои иҷтимоии ройгон меоянд?”.

Намояндагони ЛДПР пешниҳод карданд, ки нафақаҳои иҷтимоиро ба хориҷиҳову шахсони бешаҳрвандии сокини доимии Русия пардохт накунанд. Ин амали онҳо, ба гуфтаашон, низоми нафақаи Русияро аз «ухдадориҳои беасоси иҷтимоӣ раҳо карда, бори буҷаро камтар мекунад».

Ин даъват дар ҳолест, ки дар Русия давоми беш аз як соли охир даҳҳо қонуни нави маҳдудкунандаи ҳузур ва ҳуқуқи муҳоҷирон дар ин кишвар қабул шуд.

ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ НИСБАТИ ОМӮЗГОР ДАР РӮЗИ ОМӮЗГОР

Дар арафаи Рӯзи омӯзгор Прокурори шаҳри Левакант нисбат ба як омӯзгор бо иттиҳоми иҷро накардани уҳдадорӣ дар “таълиму тарбияи ноболиғ” парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст.

Ин омӯзгор бо он гумонбар аст, ки хонандаи мактаб Меҳмед Бозорови 17-соларо латукӯб кардааст. Наздикони Бозоров иддао мекунанд, ки рӯзи 6-уми сентябр муаллим Фарҳод Назаров, омӯзгори забони англисии мактаби рақами 4-и ин шаҳр Меҳмедро латукӯб кардааст ва ӯ 15 рӯз дар бемористон бистарӣ буд.

Идораи маорифи ин шаҳр ҳодисаро тасдиқ кардааст, вале осеб дидани хонандаро рад кардааст.

Радиои “Озодӣ” рӯзи 1-уми октябр хабар дод, ки рафтори омӯзгор тибқи моддаи 174-и Кодекси ҷиноятӣ (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ) тафтиш мешавад. Ин модда аз 15 ҳазор сомонӣ ҷарима то ду соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

Идораи маорифи шаҳри Левакант рӯзи 1-уми октябр дар саҳифаи “Фейсбук” навиштааст, ки “омӯзгор асабонӣ гардида, ба рӯйи хонанда як шаппотӣ задааст”, вале хонанда осеб надида, “пурра сиҳату саломат аст”.

Назари омӯзгор ба ин ҳодиса ҳанӯз маълум нест.

Наздикони ин хонавода мегӯянд, ки писарашон бо осеби косахонаи сар 15 рӯз дар беморхона табобат гирифт.

Ба гуфтаи волидон, ташхиси аввалия осеби майнаи сарро нишон дода буд, аммо мақомоти маориф бар асоси ташхиси дигар эълом доштанд, ки хонанда "ягон осеби ҷиддӣ надорад" ва тамоми харочоти табобатро омӯзгор пардохт кардааст.



Дар як навори видеоии рӯзи 25-уми сентябр дастрасшуда дида мешавад, ки Меҳмед беҳуш аст ва муаллимону сокинони атроф талош доранд ӯро ба ҳуш оранд.

РИСОЛАТИ ДАВЛАТДОРИИ

ТАҲЛИЛИ ҶОМЕЪ ДАР МАВЗУИ МУБРАМ

(Ёддоште дар ҳошияи китоби Раҳимзода Р. Ҳ. «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»)

Солҳои охир шинохти шахсият, фаъолият ва мактаби давлатдории Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз мавзуҳои меҳварии тадқиқоти илмҳои ҷамъиятии кишвар буда, ҳамзамон таваҷҷуҳи доираи васеи муҳаққиқони хориҷиро низ ҷалб намудааст. Бинобар ин, ҳоло дар ин мавзуъ теъдоди хеле зиёди осори илмӣ, оммавӣ, адабӣ ва ҳунарӣ фароҳам омада, муаллифон паҳлуҳои гуногуни ин мавзуи доманадорро мавриди омӯзиш ва инъикос қарор додаанд. Аз ин рӯ, дар назари аввал гуфтани сухани нав ва навиштани асари тоза дар ин мавзуъ хеле мушкил менамояд. Аммо мутолиаи китоби нави доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р. Ҳ. «**Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон**» (Душанбе, «ЭР-граф», 2025, 484 сах.) нишон медиҳад, ки сатҳи шахсият, бузургии рисолат, аҳамияти мактаби давлатдорӣ ва ҷойгоҳи миллию мардумии Эмомалӣ Раҳмон мавзуи фарохест, ки он метавонад аз паҳлуҳои боз ҳам дигар омӯхта шуда, ҷиҳатҳо ва хусусиятҳои комилан нави он барои ҷомеа пешниҳод гардад. Аз ин рӯ, хулосаи нахустин дар бораи китоби мазкур ин аст, ки ба муаллиф муяссар гаштааст, то дар мавзуи бисёр пажӯҳишшудае, ки дар он «олимон ҷилд-ҷилд китоб навиштаанд» (сах. 171) асари шаклан ва мазмунан тозаву мустақил офарад.

Барои арзёбии асари бузургҳаҷми Раҳимзода Р. Ҳ. метавон аввал ба ду нуктае ишора намуд, ки китобро хос, муҳим ва хонданӣ намудаанд:

Якум, асар дорои равиши махсуси илмию методологии худ буда, сохтори он ба тарзи бисёр дақиқ ва бо пайвасту пайдарҳамии мантиқӣ чида шудааст. Муаллиф шахсият, фаъолият, рисолат ва мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллатро фасл ба фасл бозкушоӣ карда, раванду марҳилаҳои ташаккули шахсияти ӯро чун протсеси зиндаи инсонӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ боз намудааст. Ин аст, ки бо тафовут аз аксари асарҳои дар ин мавзуъ дастрасшуда, китоби мазкур моҳияти ҷомеъ ва фарогир ёфта, тақрибан тамоми паҳлуҳои фаъолияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бар гирифтааст.

Дуюм, гарчи муаллиф барои такмили андешаҳои худ аз доираи васеи адабиёти илмию сиёсӣ истифода кардааст, лек нуктаи дигари қувватдиҳандаи асар маҳз дар он аст, ки худи муаллиф ҳамчун шоҳиди бевоситаи ҳодисаҳо, рӯйдодҳо ва равандҳои ҳассоси тасвиршаванда дар асар ширкат намуда, ба он навъе рӯҳ, ҳарорат ва динамикаи хоса бахшидааст. Яъне нуктаву лавҳаҳои асар танҳо натиҷаи тадқиқоти хушки дафтарию китобии шахси сеюм набуда, нависанда чун яке аз ҳамсафон ва пайравони Пешвои миллат диду таҷрибаи амалии худро низ бар он афзудааст. Тавре Раҳимзода Р. Ҳ. овардааст: *«...мехостам ҳамчун шоҳиди ҳол паҳлуҳои гуногуни ҷонисориҳои ӯро, ки бароямон обрӯю шарафи миллат аз ҳама чиз болотар аст... акс намоям»* (сах. 18). Табиист, ки ин ҳолат аҳамияту мустанадии асарро дучанд менамояд.

Худи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» аз баррасии амиқи яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмҳои фалсафа ва сиёсат, яъне мақоми шахсият дар таърих, ҷомеа ва сарнавишти миллатҳо оғоз мегардад. Ин мавзуъ ё муаммо дар пешгуфтор ва боби якуми китоб матраҳ шуда, муаллиф талош мекунад, ки нисбат ба ин саволи ҷовидонии илму таърих назари худро баён созад, балки онро исбот намояд. Бо ин мақсад ӯ дидгоҳҳои файласуфони қадиму муосири ғарбӣ чун Софокл, Бернс, Бдондел, Теккер, бузургони андешаи миллӣ чун Фирдавсӣ, Низом-ул-мулк, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Унсурулмаолии Кайковус, Насириддини Тӯсӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва афкори донишманди муосири тоҷик чун академик С. С. Ятимов, академик К. Олимов, Имомов А., Амиршоҳӣ Н., Саидзода З. Ш. ва ғайраро дар мавзуи мазкур ба тавр васеъ баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат нақши шахсият дар таърих ниҳоят бузург ва калидӣ буда, умуман, худи моҳияти таърих аз фаъолияти ҳадафмандонаи инсон иборат аст (сах.5).

Чунин вуруди васеи назариявӣ ва асосноккунии илмии муаллиф ба мавзуи мубрам аз ду назар бисёр муҳим мебошад.

Дар қадами баъдӣ, муаллиф бо овардани мисолҳои мушаххас ва фаровон аз корнамоии Эмомалӣ Раҳмон ва натиҷаҳои он барои давлату миллати мо тезиси асосии худ, яъне нақши таърихӣ доштани шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти давлат ва миллати тоҷикро ба пуррагӣ исбот менамояд. Ин усули коргирифтаи Раҳимзода Р. Ҳ. имкон медиҳад, ки масъала ҳам аз ҷиҳати илмию назариявӣ исбот ёбад ва ҳам аз назари таҷрибию амалӣ устувор карда шавад. Яъне, метавон гуфт, ки худи боби якуми рисола ба танҳоӣ як асари мустақили илмию таълимӣ мебошад. Зеро бар хилофи асарҳои тавсифӣ ё нақлӣ, дар он мавзуи мавриди назар бо бунёди илмию назариявӣ устувор карда шудааст.

Чунин ҳалли назариявӣ ва амалии масъалаи нақши шахсият дар таърих ва ҷомеа ва дар заминаи он нишон додани нақши таърихии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарнавишти давлату миллати мо аҳамияти хосаи амалии сиёсӣ ва иттилоотӣ низ касб мекунад, ба хотири он ки яке аз мавзуҳо ва талошҳои асосии нохушбинони давлату миллат дар фазои иттилоотӣ маҳз дар зеҳни ҷомеа хароб кардани ҳақиқат ва инкори хидматҳои барҷастаи ин шахсияти таърихӣ мебошад. Бинобар ин, имрӯз ба миён омадани чунин асари бунёдӣ аз ҳар ҷиҳат ба манфиат аст.



Маҷмуаи далелҳо ё дастгоҳи истидлолии Раҳимзода Р. Ҳ. барои нишон додани рисолати давлатдорӣ ва нақши таърихии Эмомалӣ Раҳмон низ дар ин асар хеле фарогир аст. Гарчи ин мавзуъ ба таври мушаххас дар фаслҳои аввали боби якум омӯхта шудааст, ҳамзамон тамоми 14 фасл ва пешгуфтору хулосаи асар, дар маҷмуъ, ҳамин андешаи меҳварии онро исбот менамоянд.

Тавре муаллиф таъкид менамояд, муҳимтарин рисолат ва хидмати Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи муосири тоҷикон худи аз вартаи нобудӣ наҷот додани давлатдории миллист. Зеро маҳз бо роҳбарӣ ва талошҳои ӯ эҳтимоли аз байн рафтани давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бартараф шуда, мардуми тоҷик тавонист, ки бори дигар давлати худро соҳибӣ намояд. Аҳамияти ин хидмати Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама дар он аст, ки масъалаи давлат ва давлатдорӣ барои тамоми халқу миллатҳо, аз ҷумла мардуми тоҷик масъалаи рақами як ба ҳисоб меояд.

Агар ба сарнавишти печидаи тоҷикон ҳамчун миллат нигарем, меҳвари асосии таърих ва муборизаи миллии моро маҳз масъалаҳои Ватан, сарзамин, истиқлол ва давлат ташкил додаанд. То ҷое ки тамоми қаҳрамонони халқи тоҷик ва қаҳрамонони Тоҷикистон маҳз шахсоне будаанд, ки барои ҳифзи ин арзишҳо мубориза кардаанд. Сабаби чунин ҷойгоҳи меҳварӣ пайдо кардани масъалаи давлат барои тоҷикон дар он аст, ки буду ҳастии миллии тоҷикон ҳамеша бо Ватан ва истиқлоли сиёсии онҳо вобаста будааст. Яъне, ҳар гоҳе ва ҳар ҷое, ки тоҷикон соҳиби давлат будаанд, манфиатҳо, арзишҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва бақои миллии худро таъмин карда тавонистаанд. Баръакси ин, ҳар ҷое, ки ҳокимияти сиёсӣ ва сарзамин, яъне давлатро аз даст додаанд, раванди ҳалшавию нобудии тоҷикон оғоз шудааст. Бинобар ин, имрӯз бо боварӣ гуфта метавон, ки дошгани давлати миллии мустақил муҳимтарин омили бақои миллии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Хоса, дар шароити нави таърихӣ масъалаи бақои тоҷикон ҳамчун миллат бо бақои давлати миллии мустақили онҳо бевосита гиреҳ хӯрдааст. Ин аст, ки аз нақши Эмомалӣ Раҳмон дар наҷоти давлатдории миллӣ амалан хидмати ҳаётии ӯ дар наҷоти худи миллат ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, аз аҳамияти хидмати аввал, рисолати дувуми ӯ, яъне наҷоти миллат аз нобудию парокандагӣ исбот мегардад.

Албатта, худи ҳамин ду хидмат, яъне наҷоти давлат аз нобудӣ ва наҷоти миллат аз парокандагӣ кофист, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти таърихӣ ва Пешвои наҷотбахши миллӣ эътироф гашта, номи ӯ дар таърихи халқи тоҷик дар канори бузургону қаҳрамоне чун Исмоили Сомонӣ, Садриддин Айнӣ, Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигарон ҷовидонӣ гардад. Аммо муаллифи асар равиши мантиқию истидлолии худро идома дода, дар фаслу бобҳои дигар ҷойгоҳ ва фаъолияти Эмомалӣ Раҳмонро чун **арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ** (фасли 1.2), **Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** (фасли 1.3), **Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ** (фасли 1.4), **Пешвои миллат** (фасли 1.5), **Қаҳрамони Тоҷикистон** (фасли 1.6), **Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳ** (фасли 1.7) ва **ходими барҷастаи ҷамъиятӣ** (фасли 1.8) ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба ин восита, ба Раҳимзода Р. Ҳ. муяссар мешавад, ки бо инъикоси фаъолияти бисёрсамтаи Пешвои миллат симои ҷомеи ӯро барои хонандаи дохиливу берунӣ ба таври бисёр муфассал ва тоза муаррифӣ намояд.

Боби дувуми китоби **«Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»** (с.с. 298-383) ба сиёсати иқтисодиву иҷтимоии давлат зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст. Он низ дар заминаи таҳлили доираи васеи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, гузоришҳои расмию оморӣ, адабиёти илмию таҳлилии соҳавӣ ва маълумотҳои хосаи муаллиф таҳия гашта, моҳияти асосии сиёсати иҷтимоиву иқтисодии давлат ва динамикаи рушди онро дар даҳсолаҳои охир ба таври асоснок нишон додааст. Дар ин самт сиёсати маорифпарваронаи Эмомалӣ Раҳмон, мавқеи занону ҷавонон дар сиёсати иҷтимоии давлат, таъсири ин сиёсат ба некӯаҳволии шаҳрвандони кишвар, тарроҳӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамалакат ва ғайра ба таври муфассал таҳлил шудаанд.

Чун ин боб бештар баррасии масъалаҳои соҳавиии рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегирад, таҳлилу арзёбии ҷузъии он ба мутахассисони соҳаи иқтисодӣ вогузор мешавад. Аммо чун дар маркази сиёсати иҷтимоии Роҳбари давлати тоҷикон маҳз соҳаи маориф қарор дорад, дар бораи тарз ва сатҳи дар китоби

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

мазкур баррасӣ шудани ин самти сиёсати давлатӣ таъкид ба нуктаи зерин муҳим мебошад.

Соҳаи маорифи кишвар, ки дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ амалан фалаҷ гашта буд, дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат марҳила ба марҳила эҳё шуда, ҳам аз назари сохторӣ ва ҳам аз назари мазмунӣ ислоҳ ва такмил гардид. Фасли **«Сиёсатмадори маорифпарвар»** (саҳ. 298) маҳз ин раванди мураккаби баркарориро тасвиру таҳлил намуда, маводи фаровони империкӣ, маълумоти дақиқи таърихиву оморӣ ва хулосаҳои муҳими зарурӣ ироа мекунад.

Дар ин росто муаллиф моҳияти маорифро чунин таъриф менамояд: *«Маориф раванди аз насл ба насл интиқол додани дониш, малака ва маҳорат аст, ки ба пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии миллату давлат мусоидат мекунад»* (саҳ. 304). Ин таъриф аввалан моҳияти маорифро на танҳо дар додани дониш, балки маҳз дар интиқоли ҳамзамони «дониш, малака ва маҳорат» дониста, сониян ба он ишорат дорад, ки комёбии як миллат ва рушди як давлат бе маориф имконпазир нест.

Таҳлили фасли зикршудаи китоб нишон медиҳад, ки сиёсати маорифпарваронаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама ду ҳадафи асосиро пайгирӣ мекунад:

1. Бо донишу маҳорати муосир таъмин намудани насли ҷавон ва барои зиндагӣ дар ҷаҳони таҳаввулёбандаи имрӯз омода намудани онҳо. Бинобар ин, дар маркази ҳамаи барномаҳои ислоҳи соҳаи маориф маҳз баланд бардоштани сифати таълим ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ шудани барномаҳои таълимӣ қарор доранд. Зеро агар низоми маорифи як кишвар аз замона қафо монад, худи он кишвар низ некӯаҳволии ҷомеа ва пешрафти зарури иқтисодию иҷтимоиро таъмин карда наметавонад.

2. Дар баробари омӯзиши донишу малакаҳои муосир дар рӯҳияи баланди худшиносии миллӣ ва арзишҳои соҳибватанӣ тарбият намудани насли ҷавони миллат. Зеро, агар насли ҷавон дар ин рӯҳия парвариш наёбад, фарҳангу арзишҳои миллӣ, суннату анъанаҳои неки падарон ва манфиатҳои миллии худро дарк ва ватани худро соҳибӣ ва ҳимоя карда наметавонад. Бинобар ин, низоми маориф дар баробари конуни донишу малака будан, бояд ҳамчунин мактаби бузурги ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ бошад.

Боби сеюми китоб (саҳ. 384-478) масъалаи хеле ҳассос ва муҳим, яъне таҳлилу баррасии сиёсати хориҷӣ ва фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бар мегирад. Дар ҳақиқат, сиёсати хориҷӣ яке аз муваффақтарин самтҳои фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон буда, натиҷаи асосии он муаррифии сазовори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ ва устувор гардонидани ҷойгоҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебошад. Дар ин боб Раҳимзода Р. Ҳ. сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмонро ба се самти асосӣ тақсим намуда, аввал худи моҳият ва хусусиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва ҷойгоҳи Эмомалӣ Раҳмон чун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, дувум моҳият ва аҳамияти ташаббусҳои байналмилалии роҳбари давлат ва сеюм, нақши ӯро ҳамчун пешвои тоҷикони ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар бораи муносибати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гуфт, ки ӯ на танҳо роҳбар ва ҳидояткунандаи ин сиёсат, балки муаллиф ва муҳандиси бевоситаи он низ мебошад. Зеро маҳз бо ташаббус ва роҳбарии ӯ Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон таҳия ва қабул гашта, сиёсати «дарҳои кушода» ҳамчун равиши таъминкунандаи пайванди муътадилу мавзуни Тоҷикистон ба ҷаҳони муосир дар маркази сиёсати хориҷии кишвар қарор гирифт (саҳ. 388). Таъкид ба аҳамияти сиёсати «дарҳои кушод» аз он ҷиҳат зарур аст, ки маҳз татбиқи ин равиш аз вобастагии кишвар ба ин ё он қутби сиёсати ҷаҳонӣ пешгирӣ намуда, муносибати баробарҳуқуқи Тоҷикистон бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро таъмин намуд. Ба ибораи дигар, сиёсати «дарҳои кушода» як нав консепсияи таъмини истиқлол дар сиёсати хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ буд. Маҳз ба ин восита Эмомалӣ Раҳмон тавонист истиқлоли кишварро ҳимоят ва устувор намояд.

Аммо бо баррасии амиқтари сиёсати хориҷии кишвар, Раҳимзода Р. Ҳ. дар фасли 3.2-и китоб нишон медиҳад, ки фаъолияти сиёсии хориҷии Эмомалӣ Раҳмон танҳо дар ҳадди ифодаю ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон маҳдуд намегардад. Ӯ ҳамчун яке аз ходимон ва лидерҳои сатҳи байналмилалӣ нисбат ба ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти глобалӣ низ таваҷҷуҳи хоса намуда, дар ин давра бо як силсила ташаббусҳои муҳим барои ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ баромад намудааст. Хусусан ташаббусҳои ӯ дар мавриди ҳалли бухрони Афғонистон, ҳалли масъалаҳои обу иқлим дар сатҳи сайёра, эълони даҳсолаи таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, ҳалли сазовори бухрони Ховари миёна ва ғайра, ки дар китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ба таври муфассал таҳлил шудаанд, ҷойгоҳи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари соҳибташаббус ва ҷойгоҳи Эмомали Раҳмонро ҳамчун пешвои ташаббускор дар сатҳи байналмилалӣ устувор гардонидаанд. Бо назардошти нисбатан ҷавон будани собиқаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ба чунин ҷойгоҳ ноил шудани он худ дастоварди бузург ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи амалӣ ва инсонии ин ташаббусҳо дар он аст, ки дар доираи онҳо даҳҳо барномаҳои бузурги таъмини об ва рушди обёрӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ татбиқ гашта, миллионҳо инсон бо оби нӯшиданӣ ва оби кишоварзию саноатӣ таъмин гаштанд. Бе ҳеҷ шубҳа, ин саҳми инсонии Тоҷикистон ва роҳбари ташаббускори он барои башарият аст.

Ин аст, ки собиқ **Дабири кулли СММ Пан Ги Мун** маҳз ба ҳамин ҷанбаи эътирофшудаи фаъолияти байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намуда, чунин гуфта буд: *«Шумо роҳбари давлате ҳастед, ки ман ба он эҳтиромӣ хоса дорам. Иштироки Шумо дар ҷаласаҳои СММ ҳамчун роҳбари ташаббускор ва ҷонибдори ибтикорҳои СММ ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мусоидат хоҳад намуд»* (саҳ. 4).

Дар баробари ин, фасли алоҳидаи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ҷойгоҳи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои тоҷикони ҷаҳон мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ҳақиқат имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон хонаи умеди тамоми форсизабонон ва тоҷикони ҷаҳон буда, Роҳбари он пешвои тамоми онҳо ба ҳисоб меравад. Бояд зикр кард, ки Пешвои тоҷикони ҷаҳон ҳисоб шудани Эмомалӣ Раҳмон танҳо як унвони ташрифотӣ нест.

Моҳияти масъала дар он аст, ки гарчи қаламрави густариши тамаддуни ориёӣ ва забони форсию тоҷикӣ бисёр фаротар аз Тоҷикистон аст, аммо имрӯз Тоҷикистон танҳо кишварест, ки дар он тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги форсию тоҷикӣ ҷойгоҳи расмию давлатӣ доранд. Агар имрӯз тоҷикон дар баъзе қаламравҳои сукунати таърихии худ аз ҳокимияти сиёсӣ маҳрум бошанд, дар бахши дигари ин қаламрави таърихӣ низомҳои динию идеологие ҳокимият мекунанд, ки манфиат ва арзишҳои тамаддуни ориёӣ ва забону фарҳанги форсию тоҷикиро ифода намекунанд. Бинобар ин, имрӯз бо амри тақдир Тоҷикистон марказ ва меросбари ягонаи он тамаддуни бузург буда, рисолати хосаи тамаддуниро ба дӯш дорад.

Хушбахтона, Эмомалӣ Раҳмон низ бо дарки ин масъулияти таърихию тамаддунӣ барои эҳё ва ҳифзи тамаддуни ориёӣ ва фарҳанги миллӣ талошҳои зиёд намуда, тамоми унсурҳои онро марҳила ба марҳила эҳё менамояд. Бинобар ин, аксари ҳамзабонони бурунмарзии мо ба Тоҷикистон маҳз ҳамчун охирин конуни арзишҳои ориёӣ ва тоҷикӣ нигоҳ карда, ба роҳбари он ҳамчун пешвои ин раванди таърихӣ эҳтиромӣ хоса қоиланд. Чуноне ки Раҳимзода Р. Ҳ. дар ҷамъбасти ин мавзуъ оварадааст, **«имрӯз на танҳо тоҷикони Тоҷикистон, балки тамоми тоҷикони ҷаҳон дар симои Пешвои худ пуштибони воқеии худро мебинанд. Аз ин лиҳоз, ӯ ҳуқуқи маънавии Пешвои тоҷикони ҷаҳон буданро дорад»** (саҳ. 478).

Дар бахши ниҳоии ёддошт дар атрофи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» афзудан ва зикр кардани ду нуктаи дигар низ хеле муҳим мебошад:

1. Яке аз вижагиҳои асар ин аст, ки муаллиф дар раванди таълифи матни асосии китоб сухану дидгоҳҳои шахсиятҳои гуногуни сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳониро интихоб ва иқтибос намуда, ба ин восита назару хулосаи худро дучандон тақвият мебахшад. Дар айни замон, худи ҳамин силсилаи иқтибосҳои мустанад як тасвири паралелии симо ва ҷойгоҳи Пешвои миллати тоҷиконро ба хонанда пешниҳод мекунанд, ки маҳз аз нигоҳи шахсиятҳои пурнуфузи ҷаҳонӣ фароҳам омадааст, ки худи онҳо дар маҷмуъ метавонанд як гувоҳи-номаи муътабари эътирофи ҷаҳонии шахсияти Пешвои муаззами тоҷикон бошанд. Аз ин силсилаи иқтибосу эътирофҳо метавон сухани Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпинро намуна оварда, ки он симои минтақавӣ ва ҷойгоҳи байналмилалии Пешвои тоҷиконро чунин ҷамъбаст мекунад: *«Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо - сарони давлатҳо сиёсатмадори аз ҳама пуртаҷриба ба шумор меравед... Шумо сиёсатмадори хеле хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд»* (саҳ. 403).

2. Тавре маълум аст, Раҳимзода Р. Ҳ. ҳамчун пажӯҳишгар муаллифи даҳҳо асари тадқиқотӣ ва илмию омавӣ буда, то имрӯз дар мавзуҳои гуногуни сиёсати давлатӣ, аз ҷумла шахсият, фаъолият ва рисолати Пешвои муҳтарами миллат асарҳои мушаххаси худро таълифу ироа намудааст. Дар ин самт аз асарҳои пешини ӯ чун «Фазилати Пешво», «Дар ситоиши Пешвои миллат», «Ҳадафҳои стратегии миллӣ - асоси амнияти иқтисодӣ» ва ғайра ёдовар шуда, бояд қайд кард, ки асари навбатии ӯ низ дар ҷойи холии илмӣ ба вуҷуд наомадааст. Аммо муқоисаи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» бо осори зикршудаи муаллиф нишон медиҳад, ки таҳқиқот ва дидгоҳҳои Раҳимзода Р. Ҳ. дар ин мавзуи муҳими фалсафию сиёсӣ марҳила ба марҳила такмил ёфта, маҳз дар ин асари комил ба ҳадди камол ё кондитсияи худ расидаанд. Бинобар ин, бо тафовут аз навиштаҳои дигари муаллиф, китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» ҳам моҳияти ҷамъбастӣ ва ҳам аҳамияти бунёдӣ дорад.

Албатта, дар бораи чунин тадқиқоти васеъ ва асари калонҳаҷме, ки дар мавзуи хеле муҳими илмию амалии муосир таълиф гаштааст, метавон таҳлилу нуктаҳои зиёдеро ба миён гузошт. Илова бар ин, зимни баррасии муфассали асар чанд мулоҳизаи куллӣ ва ҷузъӣ нисбат ба такмили баъзе ҷанбаҳои шакливу мазмунии он ба миён омаданд, ки дар матни пурраи ёддошт ҷой дода шудаанд. Аммо мувофиқи мақсад аст, ки ин муаррифиномаро бо нигоҳе ба хулосаи худи ин китоби арзишманд хулоса намоем.

Дар бахши «Хулоса»-и китоб Раҳимзода Р. Ҳ. муҳтавои асосии асари худро ҷамъбаст карда, бори дигар чун шоҳиди тамоми ин раванди мураккабу пурифтихори таърихӣ ба хонандагони иззатманди худ мурочиат менамояд. Ин мурочиат бисёр ҷиддиву устувор ва дар айни замон, гарму самимона буда, дар он аз ҷумла чунин омадааст: *«Ман худ шоҳиди ҳол ҳастам, ки Пешвои муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тақдири миллат ба саҳнаи сиёсат омада, дар шароити ниҳоят вазнин ва вазъияти пешгӯинашаванда, ки ба сари тақдири давлат ва давлатдории тоҷикон омада буд, тамоми масъулияти имрӯзу ояндаи як миллати куҳанбунёдро ба дӯш гирифта, баҳри ташаккули давлатдории миллӣ қадамҳои устувор, ҷавонмардона ва ҳаётбахш гузошт. Корнамоиҳое, ки Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллати тоҷик ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон анҷом доданд, гувоҳи равшани ичрои рисолати таърихӣ аз ҷониби ин чеҳраи мондагори миллат дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда мебошад...»* (саҳ. 481).

Бале, ин ҳақиқати таърихист, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихию давлатдории худро дар назди миллат ва давлати тоҷикон бо сари баланд ичро намудааст. Ва ин воқеияти сиёсист, ки зери роҳбарии ӯ давлатдории миллии мо аз вартаи нобудӣ начот ёфта, миллати тоҷик бори дигар сарҷамъ гашта, истиқлоли давлатӣ, суботу амнияти комил ва вахдати миллӣ таъмин шуда, заминаҳои асосии рушди устувори иқтисодию иҷтимоии ҷомеа фароҳам омадааст. Муаллифи китоби «Рисолати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон», доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р. Ҳ. низ бо анҷоми чунин асари бунёдӣ ин ҳақиқати таърихиро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ пурра ба исбот расонида, ба ин восита ҳам рисолати илмию миллӣ ва ҳам қарзи фарзандию шаҳрвандии худро ба ҷой овардааст. Ҳоло вазифаи ҷомеаи мо дарки дурусти ин масъала ва ҳифзи устувори он дастовардҳои беназири сиёсӣ, иқтисолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиест, ки зери роҳбарии шоистаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд. Ва муҳимтарини ин дастовардҳо маҳз барқарории давлатдории миллӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатии мо мебошанд, ки сарнавишт ва бақои таърихии миллат маҳз ба ҳифзи онҳо вобаста аст. Паёми асосии муаллиф ва китоб низ ҳамин аст.

Абдуллоҳи РАҲНАМО,
сиёсатшинос, директори
Маркази тарғиби адабиёт ва
фарҳанги миллии Иттифоқи
нависандагони Тоҷикистон



ШАЛҒАМ – ДАВОИ СУЛФА


Шалғам растании дорувии қадимист ва манбаи витамини С (то 63 мг %) аст. Дар он витаминҳои Bi, B, PP, каротин низ мавҷуданд. Дар шалғам 3,8-9% қанд, 0,4-2% сафеда, намакҳои минералӣ ва ғайра ҳастанд.

Хислатҳои шифобахши он: бехрешаи он, яъне қисми зеризаминиашро пухта бихӯранд, ҳамчун ғизо пуркувват аст, сурфаро дафъ менамояд, узвҳои даруни сина ва шикамро мулоим мекунад, чашмро қавӣ мегардонад, ба таом иштиҳо меоварад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда, ба воситаи пешоб мерезонад, худи пешобро низ меронад.

Шалғамро дар сирко парварда, яъне як шабонарӯз дар он тар карда, баъд бихӯранд, лазиз мегардад, рутубати ғализи баданро рақиқ, яъне суюқ мегардонад ва ҳамаи узвҳои даруни сина ва шикамро қувват мебахшад, иштиҳо меоварад ва ҳангоми хӯрдан боднокиаш барҳам мехӯрад.

ТИРАМОҲ

Чаро мӯйи сар мерезад?



ДАР ФАСЛИ ТИРАМОҲ РЕХТАНИ МӮЙИ САР БИСЁРИҲОРО НОРОҲАТ МЕКУНАД ВА ҲАТТО МЕТАРСОНАД. БО КАДОМ САБАБ МӮЙИ САР МЕРЕЗАД ВА ОЁ РОҲИ ПЕШГИРИИ ОН ВУҶУД ДОРАД? БА ИН СУОЛ ДАР ИН МАТЛАБ ПОСУХ ПАЙДО МЕКУНЕД.

НОРАСОИИ САФЕДА

Аз рӯи меъёр дар як рӯз бояд то 100 ё 50-70 тори мӯйи инсон резад, вале охири фасли тирамоҳ ва оғози зимистон рехтани мӯй зиёд мегардад. Гап сари он аст, ки дар фасли тобистон афзоиши мӯй аз андоза зиёд мегардаду дар арафаи зимистон мӯйи зиёдатӣ мерезад. Сабаби дигари рехтани мӯйи сар норасоии сафедаҳост.

Мо дар фасли тобистон бо сабаби бештар меваву сабзавот хӯрданамон сафедаро хеле кам қабул мекунем. Барои ислоҳи ин ҳолат бештар гӯшти гову гӯсфанд, панир, фалла ва дигар маҳсулоти шириро истеъмол намоед.

САРИ ЛУЧ НАГАРДЕД

Дар ҳавои сард низ бонувони зиёдеро мебинем, ки сари луч мегарданд. Яке намехоҳад ороиши мӯяш вайрон шавад, дигаре гумон мекунад, ки рӯймоли ғафсу каллапӯшҳо зебанда нестанд. Трихологон -мутахассисони соҳаи солимии мӯйҳо ҳушдор медиҳанд, ки дар ҳавои сард сари луч гаштан оқибатҳои нохуш дорад. Ҳавои сард барои мӯйҳо стресси калон аст. Вақте мо ба берун дар ҳавои сард бо сари луч мебароем, рагҳои сар яку якбора танг мешаванд. Дар натиҷа гардиши хун халал ёфта, решаҳои мӯй ғизои даркориро намегиранд ва резиши мӯй зиёд мегардад. Қисми зиёди бонувон барои он аз каллапӯшҳои ғафс худдорӣ менамоянд, ки мӯй дар зери он зуд ифлос мешавад. Сар дар дохили каллапӯш чун дар ҳаммом аст, пӯст нафас намекашад, арақ мекунад, равғанин мешавад. Ҳавои гарму намӣ боиси паҳншавии микроорганизмҳо мегардад ва сабӯсаки сару хориши пӯст зиёд мешавад. Каллапӯши танг боиси заифии мӯйҳо мегардад.

МУБОРИЗА БО ҲАВОИ ХУШК

Тамоми тағҳизоти хонагармкунӣ, аз қабили радиатор ва кондитсионерҳо мӯйи сарро хушк месозанд. Аз рӯйи меъёр дар таркиби мӯйҳо аз 10 то 15% об аст, тағҳизоти хонагармкунӣ ними ин намиро аз мӯй кашида мегиранд. Бо фен хушконидани сар ҳолати мӯйҳоро табоҳтар месозад. Аз ин ҷост, ки мӯй ба рехтан медарояду берангу бечило мегардад. Барои рафъи ин ҳолат дар хонаҳо асбоби ҳаворо нармкунанда гузоштан лозим аст. Ин техникаи хонагиро аз мағозаҳо дастрас карда метавонед. Латтачаҳоро дар об тар карда, дар ҳар ҷои хона овехтан низ муфид аст. Аз фен хеле кам истифода баред. Рафту бе фен наметавониста бошед, аз ҳарорати начандон гарми он истифода бурдаву мӯйро пурра нахушконед. Камбудии обро бо истифода аз косметика барои мӯй барқарор кардан лозим аст - шампунҳои нармкунанда, балзамҳо, кондитсионерҳо, тоникҳо. Ниқобҳои иборат аз сафеда, силикон, равғани растанӣ, алгинатҳо, хитозан ва аллантоин мӯйҳоро мулоим, нафис ва ҷилодор месозанду ҳар як тори мӯйро ҳифз намуда, мустаҳкам мегардонанд.

НИҚОБ БАРОИ МӮЙ

Барои мубориза бурдан бо хушкӣ ва барқарорсозии мӯйҳо аз ниқобҳои зерини хонагӣ истифода бурдан мумкин аст:

1. Зардии як дона тухмро бо 2 қошуқ коняк лат зада, ба он 2 қошуқ равғани мушхор илова кунед. Маҳлули тайёршударо ба пӯсти саратон молида, боқимондаашро ба мӯйҳо молед. Сарро бо рӯймол ва сачоқ печонед, 20 дақиқа пас метавонед саратонро шӯед.

2. Як қошуқча ҳардали хушкро бо 2 қошуқ кефир лат зада, 1 қошуқ равғани зайтун ва зардии 1 тухмро илова кунед. Маҳлулро ба мӯйи тар молида, бо салафан ва сачоқ печонеду баъди 15 дақиқа мӯятонро бо шампун шӯед. Ниқоб гардиши хунро дар пӯст хубтар намуда, решаҳои мӯйро ғизо мебахшад.

3. Як қошуқ шарбати саброро бо 1 қошуқ асал ва як қошуқча равғани беданҷир омехта намуда, маҳлулро ба решаҳои мӯятон моледу ним соат нигоҳ доред. Баъдан мӯятонро бо шампун шӯед.

Тақвими Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта барои нафарone, ки наздики 15-уми апрел таваллуд шудаанд, хуб хоҳад гузашт. Муносибатҳоятон бо дигарон хубу мусбат мешаванд. Ҳатто агар каме фишор ҳам биёред, дигарон онро ҳамчун ғамхорӣ қабул мекунанд.

Савр
21.04 - 21.05

Ҳафта барои шахсоне, ки дар миёнаи моҳ таваллуд шудаанд, серташвиш меояд, вале шумо аз уҳдаи ҳама кор хуб баромада метавонед. Аммо нафароне, ки дар охири моҳ таваллуд шудаанд, бехтараш аз стресс канорагирӣ кунед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Имрӯз муносибатҳои шахсӣ ва муҳаббатии шумо дар авҷанд. Аз имконият истифода бурда, бехтарин сифатҳои худро нишон диҳед. Барои корҳои эҷодӣ низ вақти мувофиқ аст. Баъзеи шумо шояд бо муносибатҳо ва шиносоии ошиқона дучор шавед.

Саратон
22.06 - 23.07

Ин ҳафта бояд ба хона ва оила диққати бештар диҳед. Шояд аз муваффақиятҳои наздикон хушнуд шавед ва сухбатҳои самимӣ дошта бошед. Аммо ноустувории баъзеҳо метавонад шуморо ранҷонад.

Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи муваффақ меояд. Бисёр корҳо ба осонӣ ичро мешаванд. Ин аз сабаби саховатмандӣ ва муносибати хуби шумо бо мардум аст. Муносибати пур аз муҳаббат ва ғамхоронаи шумо ба дигарон писанд меояд.

Сунбула
23.08 - 22.09

Сунбулаҳое, ки дар моҳи август тавлид ёфтаанд, бояд пулро эҳтиёт кунанд, чунки масъалаҳои молӣ метавонанд нохушӣ оранд. Шояд сабаби ташвиш танҳо набудани маблағ бошад, ки пештар ҳам зиёд аҳамият намедодед.

Мизон
25.09 - 22.10

Барои шумо ҳафтаи пур аз неру ва рӯҳбаландӣ меояд. Дар касбу кор ва ҳаёти шахсӣ хабару рӯйдодҳои зиёд мешаванд. Шумо дар маркази диққат хоҳед буд, ки ин ҳам писандатон мешавад. Неруятон баланд аст, зеро офтоб ба мучали шумо ворид шудааст.

Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафта пур аз ҳодисаҳои гуногун аст. Барои таваллудшудагони баъд аз 13-уми ноябр сирру асроре фош мегардад, бинобар ин, бехтараш зиёд ҳарф назанед, то муносибатҳоро вайрон накунед. Эҳтимоли шамол хӯрдану зуком шуданатон дар ин ҳафта зиёд аст.

Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафта барои шумо бобарор меояд. Ҳам дар кор ва ҳам дар муҳаббат муваффақ мешавед. Шахсияти ҷаззоб будан ва нармдилиятон кумак мекунад, то бо одамони муҳим созиш кунед ё дилҳоро ба даст ored. Дӯстҳоятон низ шуморо дастгирӣ мекунанд.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта масъулиятатон зиёд мешавад. Агар нисбати касбу кор бепарво бошед, шояд ба мушкил дучор шавед. Аз ин рӯ, корҳоеро, ки зӯратон намерасад, ба дӯш нагиред. Танҳо нафароне, ки миёнаи моҳ ва охири он таваллуд шудаанд, бахту барор меёбанд.

Далв
21.01 - 19.02

Барои зодагони баъд аз 8-уми феврал ҳафта каме душвор меояд, хусусан дар касбу кор. Аз иштибоҳ ва низоъ парҳез кунед. Дар хона низ ҷанҷолу ихтилоф эҳтимол дорад. Аммо зодагони то санаи 7-уми февралро ҳафтаи хуб интизор аст.

Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳутҳои февралӣ бояд сабр кунанд, зеро нисбат ба танқид ҳассос мешаванд. Ин метавонад асабҳоро заиф кунад. Аммо дигар намояндагони мучал ҳафтаи хуб доранд. Шумо пурэнергия, фаъол ва ҳушманд мешавед. Эҳтимол вохӯриҳои ошиқона низ рух диҳанд.

ШИБИР ВА ШОҲАМБАРӢ

Шарҳи ду вожа дар суҳбати ду донишманд

Дӯстам Эдвард Хуршедиён, ки эроншиноси барҷастаи арманитабор аст, ба фарҳангу тамаддуни мо иштиёқ дорад ва гоҳо ба решашиносии вожаҳо низ алоқамандӣ зоҳир мекунад, аз ман дар як суҳбати телефонӣ маънои ду вожаро пурсид, ки чандон таваҷҷуҳ накарда будам. Яке аз ин ду вожа “шибир” ва дигари “шоамбарӣ”.



Барои мани тоҷик табиист, ки вожаҳои ошност, вале ҳеч гоҳ дар бораи реша ва маъонии дурусти ин вожаҳо наандешидаам. Барояш қавл додам, ки чун ҳоло машғули коре ҳастам, пас аз соате саъй мекунам, ки ба саволҳоят посух бигӯям.

Ва ҳам акнун нишастам ва фикр мекунам.

Наҳуст вожаи ШИБИР чист?!

Ин вожаро дар забони мо фаровон ба кор мебаранд, аз ҷумла дар гуфтори маруми водии Зарафшон. Ба маънои гиёҳе ба кор мебаранд, ки шабеҳи най аст ва дар гӯиши мардум гоҳе шибирзорро найзор низ гӯянд. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (манзурам нашри соли 1969 аст) номи дурусти ин гиёҳро овардаанд (ниг. ҷ. 2, саҳ. 582), ки “Шибрам” аст... Дар ин манбаъ омадааст, ки Шибрам гиёҳест биёбонӣ, баландпоя, рост ва ширадор монанди най. Ва ҳамчунин овардаанд, ки дар тиби қадим барои муолиҷаи беморон ба кор мебурдаанд, аз ҷумла барои дармони бемориҳои қулинҷ, дарди мафосил (Артрид) ва ғайра. Дар адабиёти мо низ ин вожаро ба кор бурдаанд. Аз ҷумла дар шеъри шоирони Моваруннаҳр ва Хуросони бузург.

Манучеҳрӣ гӯяд:

В-он гули нор ба кирдори
кафе шибрами сурх,
Баста андар тани ӯ лахти
мушки Хутано.

Албатта дар забони мо вожаи ШИБР низ ба кор рафта, ки маънои дигаре дорад. Вале ин вожа аз забони аъроб ба забони мо интиқол ёфтааст. ШИБРАМ форсист! ШИБР ба маънои “ваҷаб”аст. Чунонки дар фарҳангҳо омадааст, андозае баробар ба 25 см. Шибрро дар кутубхои зиёди қуруни вустойӣ овардаанд. Тақрибан ҳамин гуна посухи кӯтоҳе ба дӯстам додам... мобақӣ ӯ донад.

Дигари вожаи ШОАМБАРӢ ва ё ШОҲАМБАРӢ аст, ки маҳалест дар водии зархези Ҳисор ва оби маъданиаш бисёр машҳур ва дорои зиёратгоҳҳост ва сонутуриҳо, ки мардум ба зиёрат ва табобат мераванд. Хулоса ҷойноми машҳурест дар Тоҷикистон. Вале дар забони форсӣ дар он ашколе, ки ба кор мебарем, маънои рӯшан надорад.

“ШОҲАМБАРӢ” ба назар мерасад, ки таркибе аз ду вожа аст, яъне “Шоҳ” ва “Амбари”. Маънои ин вожа як ном ё вожаи номафҳуме аст, ки дар забони мо ба танҳоӣ маънои мушаххасе надорад. Ба қавли доноён, ниёз ба иттилои бештар барои дарки комил дорад. Агар манзур аз “ШОҲАМБАРӢ” як истилоҳи хос ва ё номи шахс ва ё маконе бошад, лозим аст онро ба шакли дигаре баён кунем, то битавонем маънои дақиқи онро биёбем.

Дар таркиби нахусти вожа вожаи ШОҲ комилан мафҳум аст. Шоҳ ҳамон подшоҳ, малик, султон, хидев, шаҳриёр, хусрав, мир, амир ва ғайра...

Дар мавриди таркиби дувум, яъне АМБАРИ шояд дар дарозои торих ба наҳве шакли навиштории ин вожа иштибоҳан сабт шуда бошад. Масалан эҳтимол АНБАРИН буда, вале котибе онро Анбарӣ сабт карда ва пасон АМБАРӢ шуда бошад. Агар чунин аст, шояд “шоҳи анбарин” буда бошад. Дар ин сурат маъно рӯшан мешавад. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (ҷ. 2, саҳ 66 ва 67) омадааст: Анбар моддаест чун муми нарм, ки хокистариранг ва хушбӯ буда... ҳакимон дар тиб ба кор мебурдаанд ва ҳам акнун дар тавлиди атриёт ба кор мебаранд. Аз вожаи АНБАР, Анбарин, Анбарафшон, Анбарбӯй, Анбарзой ва ғ. сохтаанд.

Дар ин ҳол Шоҳи Анбарин ба маънои шоҳе, ки аз он бӯи хуш ва муаттар ба машом мерасад. Албатта, ин вожа метавонад шакли гуфторӣ аз вожаҳои дигаре бошад. Масалан: бо далоиле касеро “шоҳамборӣ” бихонанд, ки баъдҳо АНБОР АМБАР шуда бошад ва ғ.

Ин буд суҳбати сариҳоии ман бо дӯсти фозилам Эдвард Хуршедиён.

Сафар АБДУЛЛОҲ

ФИЛМИ ТОҶИКИСТОН БА “ОСКАР” МЕРАВАД

Филми коргардони эронӣ Шаҳроми Мокрӣ “Харгӯши сиёҳ, харгӯши сафед” аз ҷониби Тоҷикистон ба ҷоизаи бонуфузи синамоии “Оскар” пешбарӣ шуд. Дар ин бора рӯзи 29-уми сентябр чандин расонаи байналмилалӣ, аз ҷумла https://www.hollywoodreporter.com/ хабар додааст.

Ба навиштаи ин расона, драмаи детективии дар Тоҷикистон наворгиришуда “се қиссаи аз ҳам ҷудоро бозгӯ мекунад, ки дар як моҷарои асороомезе ба ҳам мепайванданд”.

Ин филм аз номи Тоҷикистон ба қазовати озмуни синамогарони амрикоӣ фиристода шудааст. То имрӯз ин филм ҷоизаи Vision Asian Award-ро дар ҷашнвораи байналмилали Пусан бурда, инчунин қарор аст дар ҷашнвораҳои синамоии Лондон ва Чикаго ба намоиш гузошта шавад.

Қиссаи филм чунин аст, ки вақти наворгирии филме силоҳсозе дарк мекунад, ки аслиҳа сохта не, ҳақиқӣ аст. Як ҳунарпеша омада талаб мекунад, ки ба ӯ нақше бидиҳанд. Ва як қурбонии садамаи нақлиётӣ шубҳа мекунад, ки шояд ҳодисаи бо ӯ рухдода як кори махсус ташкилшуда аст. Дар ниҳоят ин се моҷарои гуногун дар як пайванди асороомезе ба ҳам мепечанд.

“Харгӯши сиёҳ, харгӯши сафед” филми чоруми калонҳаҷми Мокрӣ аст. Филмҳои гузаштаи ӯ “Моҳӣ ва гурба” (2013), «Ҳуҷум» (2017), «Ҷиноятибедиққат» (2020) дар ҷашнвораҳои мухталифи ҷаҳонӣ намоиш дода шудаанд. Филми охирин барандаи ҷоизаи ҷашнвораи Чикаго шудааст.



МАВЛУДНОМА

2 ОКТЯБР

Рафоат Алиева (1950), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

Яъқуб Алоев (1930), 95-солагии зодрӯзи доиранавоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Анна Костушкина (1940), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

3 ОКТЯБР

Собирҷон Мирзоев (1930-2000), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Маъруфҷон Юсуфов (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

4 ОКТЯБР

Анушервон Бикасиён (1955), 70-солагии зодрӯзи ҳайкалтарош, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Василий Иванов (1925-1994), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

5 ОКТЯБР

Ҷӯрақул Аҷиб (1950), 75-солагии зодрӯзи адиби ӯзбекзабони Тоҷикистон, мутарҷим.

Ақназар Қурбонмаҳмадов (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Мусулмонқул Маҳмадқулов (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Раҳмон Набиев (1930-1993), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Суҳайлӣ Ҷавҳаризода (1900-1964), 125-солагии зодрӯзи шоир.

6 ОКТЯБР

Ҳасан Наққош (1925-1986), 100-солагии зодрӯзи адабиётшиноси арабтабор.

Анна Кострикова (1940), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

7 ОКТЯБР

Абдукарим Абдураҳмонов (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Николай Смолский (1905-1976), 120-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, академики АМИТ.

Муҳаммадамин Ҳоҷиев (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

8 ОКТЯБР

Александр Грибков (1925-1991), 100-солагии зодрӯзи рассом.

Баҳриддин Камолиддинов (1935), 90-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

Уктами Холиқназар (1940), 85-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатномаи №55, рақами қайд №2356, ба номи Додов Илҳомиддин Ҷамолиддинович, ки соли 1995 аз ҷониби Техникуми савдои Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати 11, Т-АТУ №0864979, ба номи Рахмонов Ҷонибек Қобилҷонович, ки санаи 25.06.2021 аз ҷониби Гимназияи ҳарбии ВКК ҚС КДАМ ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Парвандаи замин 610.0 м.м., рақами инвентарӣ №13183, ба номи Алиева Оимнисо, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Шукуфон 61 (Студенческая 61), аз соли 2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0199839, рақами қайд №36354, ба номи Сатторова Лола Қурбоновна, ки соли 2017 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Умар Зарипов Мухамадалиевич, РЯМ: 3330090720, дар н. Ҷ Балхӣ қарор дорад, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03640490, ба номи Ғафурова Моҳина Шоҳзамоновна, ки санаи 27.07.2021 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ ба номи Ҳамидов Абдуваҳоб Азизович, ки соли 2000 аз ҷониби Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳиссагузорӣ, №371А, аз санаи 20.05.2021 байни ҶДММ "Саодат" ва Арбобова Зарема Мирзоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Р. Набиев, кӯчаи Дилкушо, кӯчаи Борбад, Блоки Д2, 7 ошёна, 47.25 м.м., аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Саидова Марзия Ғуфроновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Гулбутта 1, хонаи 927, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот таҳти феҳристи №3-3566, аз санаи 03.09.2025, байни Саломатова Саодат Абдусаломовна ва Раҳимов Сирочидин Ҳикматуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, к. Н. Махсум (102 мкр), блоки Б, ошёнаи 13, 120 м.м., ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатномаи махсус ба номи Иброгимов Қурбонали, РЯМ: 0730024965, РМА: 075380731, ки аз 01.04.2009 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Азимов Ҷаббор Тоҷиевич, РЯМ: 2030069095, РМА: 205224320, санаи судур 18.02.2020, ки дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳамкорӣ таҳти феҳристи ЗДШ-152, аз 15.02.2016, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии шаҳри Душанбе аз номи Бобоазизов Далер Саидович ба номи Ояхмадов Абдурахмон Аминович тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Васиятнома таҳти феҳристи рақами 15п-4799, аз санаи 03.12.2010, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии ш. Душанбе ба номи Мусочонов Хуршед Нуриддинович тасдиқ карда шудааст, гум шудааст.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Усмонов Шоймардон, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чортеппа, уч. Ҷӯйбодом 465, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0239023, қайд №3052, ба номи Саидахматов Сунатулло Аскарович, ки соли 2019 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► ҶДММ "Ориён Сарв", РЯМ: 0710000592, РМА: 070010812, Шаҳодатномаи иқтибосаш гумшуда бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

Зодрӯз муборак бод!



Ман аскари Ватан,
Болу пари Ватан.


Судайсҷони азизи хонадон. 7-солагиат муборак бод! Дар ин рӯзи фархунда мо, аҳли хонавода бароят таманнои рӯзу рӯзгори хуш менамоем. Орзу дорем, ки ҷавонмарди асил ба воя расида, дар хифзу ҳимояи Ватан-Модар саҳми арзандаи худро гузорӣ. То дараҷаи Генерал бирасӣ!

Бо эҳтирому самимият: бибиат Раҷабгул Муродова ва падарат Зафарҷон Ҷалолов

► Шаҳодатнома бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Неъмат Ҳоҷи 2011", роҳбараш Қараев Раҳмат, РЯМ: 0730053669, РМА: 075657215, ки аз 01.11.2011 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Ориён Сарв", РЯМ: 0710000592, РМА: 070010812, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



ҶУДО

ДУ НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ QINGDAO GRAND PRIX 2025

Аз 26 то 28-уми сентябр дар Чингдаои Чин мусобиқаи ҷудои Qingdao Grand Prix 2025 баргузор шуд, ки дар он паҳлавонони тоҷик ду нишон ба даст оварданд.



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа мардҳо Мехрзод Сӯфиев (-60 кг), Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Обид Чебов (-66 кг), Абубакр Шеров (-73 кг), Масъуди Аҳмадзода (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг), Муҳаммадчон Абдуҷалилзода (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) ва занон Аҳлия Муминова (-48 кг), Александра Кан (-57 кг), Виктория Киселёва (+78 кг) намояндагӣ карданд.

Обид Чебов дар вазни 66 кг соҳиби медали нуқра гардида, Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни то 100 кг медали биринчӣ ба даст оварад. Чебов рақобатҳоро дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ оғоз карда, бар Нурмуҳаммад Ботабай аз Қазоқистон зафар ёфт. Дар даври нимниҳоӣ Чебов бо Ким Чаннйеонг аз Куриёи Ҷанубӣ пирӯз шуд ва дар рақобати ниҳоӣ аз намояндаи Муғулистон Басхуу Йондонперенлей шикаст хӯрд.

Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг) дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ муқобили Ким Ҳансу аз Куриёи Ҷанубӣ ва дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ бар Макс Грегори аз Британиё пирӯз шуд. Ӯ дар марҳилаи нимниҳоӣ аз намояндаи Маҷористон Вег Зсомбор мағлуб шуд ва дар мубориза барои нишони биринҷӣ бар намояндаи Лаҳистон Мичал Чедрзечевски бо имтиёзи иппон пирӯзӣ ба даст оварад. Ин аввалин медали биринҷӣ барои Маҷидов дар мусобиқаҳои Grand Prix аст.

Масъуди Аҳмадзод (-73 кг) мақоми 5-умро гирифт. Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг) бо Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) мақоми 7-умро ишғол карданд. Мехрзод Суфиев (60 кг), Александра Кан (57 кг), Абубакр Шеров (73 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) дар рақобатҳои аввал ном гардиданд. Тоҷикистон мусобиқаро дар зинаи 10-ум ба анҷом расонд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ШИКАСТИ АВВАЛИНИ «ВАХШ» ВА ПИРӮЗИИ ДЕРИНТИЗОРИ «ПАНҶШЕР»

Дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон бозиҳои даври 18-ум баргузор шуданд, ки чанд натиҷаи ғайричашмдошт ба қайд гирифта шуд ва ҳамаи бозиҳо бо ҳисоби якхелаи 1:0 ба охир расиданд.

Рӯйдоди асосии давр шикасти пешсафи ҷадвали мусобиқа - дастаи «Вахш»-и Бохтар ва пирӯзии деринтизори «Панҷшер»-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ буд. Дастаи шаҳри Бохтар пас аз 17 бозии бе бохт ғайричашмдошт аз дастаи «Барқчӣ» бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуд. Бо вуҷуди ин даста бо 39 имтиёз дар ҷойи аввал аст. «Истиқлол», ки дар зинаи дуюм аст, ду бозӣ камтар анҷом додааст ва 34 имтиёз дорад.

«Панҷшер» дар ин давр ба пирӯзии деринтизори худ расид ва имтиёзҳояшро ба 7 хол расонд. Дастаи «Истаравшан» дар меҳмонӣ аз ин даста бо ҳисоби 1:0 мағлуб шуд. «Равшан»-и Кӯлоб дилпурона дар сафи пеши ҷадвал (зинаи 3-юм, 32 имтиёз) ҷой гирифтааст. Дар ин давр «Равшан» бар КМВА бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуд. «Регар-ТадАЗ» бо ҳамин ҳисоб «Хуҷанд»-ро шикаст дод. Ҳамчунин,



«Ҳосилот» дар майдони худ бар «Эсхата» пирӯз шуд. Бозии дастаҳои «Истиқлол» ва «Ҳулбук» ба вақти дигар гузаронида шуд.

ФУТБОЛ

FIFA ДАСТАҲОИ ШИРКАТКУНАНДАИ ҶҶ-2030-РО БА 64 МЕРАСОНАД: ТОҶИКИСТОН ИМКОН МЕЁБАД?



Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияҳои футбол (FIFA) барои мизбонии Ҷоми ҷаҳонии соли 2030 бо ширкати 64 даста омода аст.

Оё Тоҷикистон бо назардошти афзоиши эҳтимолии теъдоди дастаҳо шонси роҳҳат ба Ҷоми ҷаҳониро хоҳад дошт?

Нақшаи мушаххаси интихобии Ҷоми ҷаҳонии 2030, ки 64 дастаро дар бар мегирад, ҳанӯз тасдиқ нашудааст. Аз ин рӯ, бо 100 дарсад итминон гуфтан намешавад, ки ба даст овардани роҳҳат душвор нахоҳад буд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки ҷойҳо тавассути мусобиқаҳои интихобӣ дар ҳар як конфедератсияи қитъавӣ тақсим карда шаванд. Тибқи маълумоти мавҷуда, FIFA пешниҳоди Конфедератсияи футболи Амрикои Ҷанубиро (КОНМЕБОЛ) дар бораи ба таври рекордӣ васеъ кардани Чемпионати ҷаҳон дастгирӣ хоҳад кард. Гуфта мешавад, ки дар ин маврид мусобиқот дар 16 гурӯҳ, ки ҳар кадоме аз чаҳор даста иборат аст, баргузор мешавад. Ду дастаи беҳтарин ба плей-офф роҳ меёбанд. Бозиҳо дар Испания, Португалия, Марокаш, Аргентина, Парагвай ва Уругвай баргузор мешаванд. Се гурӯҳи Ҷоми ҷаҳон дар кишварҳои Амрикои Ҷанубӣ, бозиҳои боқимонда дар Аврупо ва Африқо баргузор мешаванд.

Ин нақшаи имконпазири интихобӣ барои UEFA (Аврупо) ё CAF (Африқо) метавонад масалан системаеро дар бар гирад, ки дар он на ду дастаи беҳтарин, балки се дастаи беҳтарин мустақиман интихоб мешаванд. Бо вуҷуди ин, баъзеҳо бар ин назаранд, ки зиёд кардани квотаҳо мусобиқаи интихобиро дар Амрикои Ҷанубӣ амалан бемаънӣ мегардонад, зеро қариб ҳамаи дастаҳои ин қора ба таври худкор соҳиби роҳҳат мешаванд. Дар баробари ҳамаи шаш кишвари мизбон дастаҳои Уругвай, Аргентина ва Парагвай низ ба таври худкор ба Ҷоми ҷаҳонии соли 2030 роҳҳат мегиранд ва ҳар кадом як бозиро мизбонӣ мекунанд.

БОЗИҲОИ ИДМ

ШИРКАТИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН ВА АВВАЛИН НИШОНҲО

Аз 28-уми сентябр Бозиҳои 3-юми кишварҳои ИДМ оғоз шуд, ки то 8-уми октябр дар 8 шаҳри Озарбойҷон идома мекунад. Варзишгарони то 23-сола дар ин мусобиқа ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

Дар ин бозиҳо варзишгарон аз 23 намуди варзиш барои 246 маҷмуи медалҳо талош мекунанд. Дар мусобиқа наздики 3000 ҳайати варзишии ҳашт кишвари ИДМ - Русия, Озарбойҷон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ширкат доранд.



Ба ҳайати варзишии Тоҷикистон 208 нафар, аз ҷумла 142 варзишгар шомиланд. Ҷудокори чавон Мадина Қурбонзода парчамбардори Тоҷикистон дар маросими кушодашавии Бозиҳои ИДМ-2025 буд.

Варзишгарони тоҷик аз намуди самбо ду медали биринҷӣ гирифтанд. Назаралӣ Холов дар вазни 64 кг ва Ёсин Ҳукуматов дар вазни 71 кг сеюм шуданд. Дар таэквандо WT Абдуҷаъфари Баходур дар вазни то 54 кг ва Нурулло Муродов дар вазни то 74 кг нишонҳои биринҷӣ гирифтанд. Бозиҳо идома доранд.

РЕЗААХБОР




Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар ду бозии марҳилаи интихобии Ҷоми футзали Осиё-2026 бар дастаи Макао (10:2) ва бар Камбоҷа (7:1) пирӯз шуд. Дар бозии охир футзалбозони тоҷик аз дастаи мунтахаби Ҷопон мағлуб (1:3) шуданд. Дар ин гурӯҳ Ҷопон бо 9 имтиёз якум шуд ва Тоҷикистон бо 6 имтиёз дуюм. Ба ин тартиб, ҳардуи ин даста дар қатори Австралия, Тайланд, Вйетнам, Қирғизистон, Эрон, Афғонистон, Кувейт, Куриёи Ҷанубӣ, Ӯзбекистон, Лубнон, Малайзия ва Мёнмар ба Ҷоми ҷаҳонии футзал-2026, ки дар Индонезия баргузор мешавад, роҳ ёфтанд.

***

Аз 5 то 7-уми октябр дар шаҳри Лимаи Перу Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни чавонон баргузор мешавад. Дар мусобиқаи мазкур 483 ҷудокор (254 писар, 232 духтар) аз 68 кишвари ҷаҳон ширкат меварзанд. Икром Шамсов дар вазни 60 кг, Ёсин Бобокалонов дар вазни 66 кг, Эҳсон Сафарзода дар вазни 66 кг ва Муҳиддин Асадуллоев дар вазни 73 кг намояндаҳои Тоҷикистон дар ин мусобиқа мебошанд.

***

Дар Абузабии Амороти Араб мусобиқаи байналмилалии ҷудо миёни наврасону чавонон баргузор шуд, ки аз Тоҷикистон Қутбиддин Лоиқов (-60 кг) миёни наврасон ва Муҳаммадрофеъ Ҳабибов (66 кг) миёни чавонон нишони тилло гирифтанд. Миёни наврасон Рошид Неъматов (-81 кг) ва Абубакр Абдуҷалилзода (90 кг) нишони нуқра ва Бобоҷон Шаропов (-73 кг) нишони биринҷӣ гирифтанд. Миёни чавонон Бобоҷон Шаропов (-73 кг) медали нуқра, Абубакр Абдуҷалилзода (-90 кг) нишони биринҷӣ ва Ёқубҷон Назиров (-100 кг) нишони биринҷӣ ба даст оварданд.



ДАР ДАРДАР БО ГУЛНАЗАР

(Ин танз ҳангоми як сафари адибон ба Зарафшон дар зодгоҳи устод Гулназар - деҳаи Дардари ноҳияи Айнӣ нигошта шуд)

Гар сарӣ ёбад ба олам дардарӣ бо шоирӣ,
Гулназарро бар сари он дардарӣ зебад сарӣ.
Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сӣ китоб,
Ҳам фузун ояд, агар ҳангоми мастӣ бишмарӣ.*

Гоҳ-гоҳе мекунад рақсу гаҳе хонад суруд,
Мезанад худро миёни дилбарони дардарӣ.
Мешавад ошиқ зимистону баҳору тирамоҳ,
Рӯзҳои гарми тобистон намояд қайсарӣ.

Гӯшҳояш хам зада аз ҳарфи ишқи дилбарон,
Биниаш аз зарби бӯсобӯс гашта чанбарӣ.
Сураташро ҳар кучо бинанд, оғӯшаш кунанд,
Шоирон тобанд дар чашмони маъшуқон парӣ?!

Шоирони навқаламро Мункар асту ҳам Накир,
Аз имомии сухан шуд ҷониби пайғамбарӣ.
Баски ӯ бошад вакили шеъри мо дар Парлумон,
Рӯдакӣ гашта кунун ҳар депутату Анварӣ.

Гимни ӯро ман шунидам солу моҳу рӯзу шаб,
Гоҳ дар маҷлис, гаҳе дар кӯча, гаҳ дар бистаре,
Гуфтам: «Аз ҷояш бихезад, ҳар касаш чун бишнавад,
Офарин бар дардариву бар чунин гимни дарӣ!».

Мезанад тилфони мобилии ӯ ҳар лаҳза занг,
Кас надида инчунин даъватшаванда муштарӣ!
*Ҳақназарро** чун бибинад Гулназар, ғойиб шаванд,*
Гоҳ дар Ромит, гаҳе дар Обигарму Шамбарӣ.

Соғаре бо Гулназар бигрифт Насрулло Камол,
Номи худро кард аз мастӣ Камоли Соғарӣ.
Бо Атои Мирхоҷа Гулназар аз як гиланд
- Каллаи бутал парад аз дасташон бо барбарӣ!

*Абдураҳмони*** мунаққид гар бихонад шеъри вай,*
Мекунад танқид худро аз сари ҳар минбаре.
Меҳмон Бахтӣ, ки саруставди устодони мост,
Аз карам хонад варо: талқингари одамгарӣ.

Бишнавад гар Рӯдакӣ ҳам гимни ӯро ҳар саҳар,
Мекунад эълом худро дардарии дигарӣ.
Дар дари Дардар бигуфт ин шеърро Неруи маст,
Чунки андар шеър созад Гулназарро додарӣ.

*** Байтҳои 1-у 2 бо тағйир аз Рашидии Самарқандӣ.**
**** Шоир Ҳақназар Ғойиб дар назар аст.**
***** Мунаққиди маъруф.**

Ато МИРХОҶА

РАВОНПИЗИШК

Дар назди равонпизишк:

- Духтур, ман ҳамеша эҳсоси тарсу хавотирӣ дорам.

Равонпизишк:

- Аз чӣ метарсед?

Бемор:

- Масалан, ҳангоми аз хона баромадан метарсам, ки тифлакам аз катчааш меафтаду ман намешунавам.

Равонпизишк:

- Қолинро ҷамъ карда гиред, охир!

МУФАТТИШ

Харгӯшро дар ҷангал муфаттиш таъин карданд. Ӯ рӯбохро ба пурсиш даъват кард:

- Пашми киро пӯшида мегардӣ?

Рӯбох:

- Аз худам.

Харгӯш:

- Не, дуздидӣ, дуздидӣ!

Рӯбохро ба зиндон мепартоянд. Рӯбоҳ аз танҳоӣ ғамгин нишастааст, ки ба наздаш мурғобиро мепартоянд. Рӯбоҳ аз мурғобӣ мепурсад:

- Мурғобӣ, туро барои чӣ зиндон карданд?

Мурғобӣ:

- Э ҳамин харгӯш безор кард, ки ҳар сол аз кадом ҳисоб ба чануб мепарӣ?!

ВАЗИФА

Писарчаи синфи 4 ба муаллимааш мегӯяд:

- Муаллимачон, ба ман баҳои 2 намонед! Дилам ба дадаам месӯзад.

Муаллима ҳайрон шуда:

- Падарат дар ин ҷо чӣ дахл дорад?

Писарча:

- Ҳар боре, ки ман барои вазифаи хонагиям баҳои ду мегирам, модарам падарамро барои хато карданаш сахт ҷанг мекунад!

ДАР АСЛ

Фурӯшанда ба харидор:

- Аз шумо 200 сомонӣ мешавад.

Харидор:

- О дар нархнома 100 сомонӣ навишта шудааст ку!?

Фурӯшанда:

- Бале, дар нархнома 100 сомонӣ аст, вале дар асл нархаш 200 сомонӣ аст.

Харидор ба фурӯшанда 100 сомонӣ медиҳад. Фурӯшанда:

- Мебахшеду шумо ба ман 100 сомонӣ додед!

Харидор:

- Бале, дар он 100 сомонӣ навишта шудааст, вале дар асл 200 сомонӣ аст!

РОҲИ БАД

Автобуси пуродам яку якбора манъ шуд ва марди калонсоле барои он ки наафтад, аз китфи бонуи дар наздаш истода қапид. Зан ба ғазаб омада:

- Гӯш кунед, аз ягон ҷои дигар қапида наметавонистед?

Мард дар ҷавоб:

- Маро ба роҳи бад набаред, бону!

ДАСТНАВИС

Нависанда ба муҳаррир:

- Дирӯз ба хона омада дидам, ки писарчаи 3-солаам дастнависҳои маро пора-пора кардааст. Ҳайфи меҳнатҳоям!

Муҳаррир:

- Худоё! Наход ӯ аллакай хонда метавонад?

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

